Миндиа Вашакмадзе

# Заминаи меъёрӣ-ҳуқуқии бахши амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон
# (Тафсир)

*Нашри маводи мазкур бо дастгирии молиявии Мудирияти Сиёсати Бехатарӣ (SIPOL), Департаменти Федералии Швейтсария оид ба мудофиа, мудофиаи шаҳрвандӣ ва варзиш амалӣ шудааст.*
*The publication of this book has been funded by the Directorate for Security Policy (SIPOL) - Swiss Federal Department of Defense, Civil protection and sports.*

*Адади нашр 300 нусха*

Хуҷанд - 2013

# Мундарича

*ФАСЛИ I. АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ* ........................................ 6

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тағйиру иловаҳо дар натиҷаи раъйпурсӣ аз 26 сентябри соли 1999 ва аз 22 июни соли 2003) ............. 6

Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» аз 3 ноябри соли 1995 № 94 (Тағйироти охирон аз 6 октябри соли 2008)................................................................ 7

*ФАСЛИ II. АМНИЯТИ МИЛЛӢ........................................................ 9*

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 № 721 ...................................................................................... 9

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 № 362 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 28.06 соли 2011) ...................................................... 10

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 22 апрели соли 2003 № 4 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 25.03 соли 2011) ............ 12

Хулоса.......................................................................................... 15

*ФАСЛИ III. МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ....................... 17*

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999 № 845 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 13.06 соли 2013)........................................................................ 17

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» аз 9 декабри соли 2003 № 69 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 05.03 соли 2007)........................................................................ 18

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» аз 25 марти соли 2011 № 684 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 13.06 соли 2013) ..................................................... 20

Хулоса.......................................................................................... 20

*ФАСЛИ IV. МУДОФИА ВА ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ..................... 21*

Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.10 соли 2005.............. 21

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 декабри соли 1996 № 316 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 05.03 соли 2007) ..................................................... 23

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» аз 4 ноябри соли 1995, N 208 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 29.12 соли 2010) .................. 25

Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Сарситоди ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 июни соли 1997 № 736 .................................................. 27

Низомнома «Дар бораи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 №601 тасдиқ шудааст (Тағйиру иловаҳои охирон аз 30.05 соли 2008)27

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» аз 1 марти соли 2005 №90 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 01.08 соли 2012)........................................................................................... 28

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 ноябри соли 2000 № 30 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 28.12 соли 2012) ..................................................................... 29

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002 № 78 (дар ҳолати 01.08 соли 2012) ............................................................ 30

Низомнома «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2008 №543 тасдиқ шудааст ............................................. 32

Низомнома «Дар бораи бақайдгирии ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 маи соли 1994 №141 ................................................................... 32

Низомнома «Дар бораи тартиби таълими умумии ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 марти соли 1994 № 144 ............................................ 32

Низомнома «Дар бораи тартиби адои хизмати ҳарбӣ» аз 11 июни соли 2001 № 257 ........................................................................................ 33

Низомнома «Дар бораи мувофиқи сафарбарӣ ба хизмати ҳарбӣ даъват намудани шаҳрвандон» аз 9 ноябри соли 2000 № 464........................... 33

Низомнома «Дар бораи тартиби анҷоми ҷамомадҳои ҳарбии ӯҳдадорони ҳарбӣ» аз 2 маи соли 1994 № 207............................................................ 34

Низомнома «Дар бораи тартиби ба хизмати ҳарбӣ тайёр кардани шаҳрвандон» аз 4 феврали соли 1999 № 32 ............................................ 34

Низомнома «Дар бораи таъминоти хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амволи шайъӣ» аз 26 июли соли 2000 № 321 ........................................................................................ 34

Низомнома «Дар бораи ташхиси тиббии ҳарбӣ» аз 3 декабри соли 2002 № 695 ..... 35

Низомнома «Дар бораи Комиссияҳои тиббии ҳарбии ҷумҳуриявӣ ва вилоятии Комиссариати Ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 ноябри соли 1991 №338 ..... 36

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савгандёдкунии тантанавии хизматчиёни ҳарбӣ барои садоқат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 ноябри соли 2006 № 205 ..... 36

Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртакунонии ҳатмии шахсии хизматчиёни ҳарбӣ ва ӯҳдадорони ҳарбӣ, ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти миллӣ» аз 15 июни соли 1992 № 223 (дар ҳолати 29.09 соли 1995) ..... 37

Созишномаи ИДМ «Дар бораи кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони аз хизмати ҳарбӣ рухсат шуданд ва аъзои оилаи онҳо» аз 14 феврали соли 1992 ..... 37

Созишномаи ФР ва ҶТ «Дар бораи тартиби ҷобаҷокунӣ ва адои хизмати ҳарбӣ аз тарафи шаҳрвандони ҶТ дар Кӯшунҳои Сарҳадии ФР, ки дар ҳудуди ҶТ мебошанд» аз 30 марти соли 1994 ..... 38

Дастур «Оид ба омодагӣ ва гузаронидани даъвати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ» аз 15 августи соли 2001 № 185 ..... 38

Хулоса ..... 39

*ФАСЛИ V. НИЗОМИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ ..... 40*

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 маи соли 2004 № 41(Тағйиру иловаҳои охирон аз 19.03 соли 2013) ..... 40

Мулоҳизоти умумӣ ..... 41

*ФАСЛИ VI. НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ САРҲАДИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ..... 42*

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 августи соли 1997 №481 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 26.03 соли 2009) ..... 42

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11 декабри соли 1999 № 881 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 12.01 соли 2010). ..... 43

Хулоса ..... 45

*ФАСЛИ VII. ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ВА МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ........................................................................................... 45*

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 № 233 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 22.07 соли 2012) ......... 45

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005 № 100 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 26.12 соли 2011)........................................................................... 46

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» аз 14 декабри соли 1996 № 343 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 03.07 соли 2012)........................................................................................ 47

*ФАСЛИ VIII. САНАДҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ДИГАР..................... 50*

Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 ноябри соли 1995 № 104 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 06.10 соли 2008) ........................................................... 50

Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 06 августи соли 2001 № 30 .......................... 51

Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 года № 107 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 22.07 соли 2013)...................................... 53

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19 марти соли 2013 ............................................................................................................ 55

*ФАСЛИ IX. МУЛОҲИЗОТИ УМУМӢ................................................ 55*

## ФАСЛИ I. АСОСҲОИ КОНСТИТУТСИОНӢ

**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (Тағйиру иловаҳо дар натиҷаи раъйпурсӣ аз 26 сентябри соли 1999 ва аз 22 июни соли 2003)**

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ менамояд, ки ҳуқуқ ва озодиҳои инсон арзиши олӣ мебошанд (моддаи 5). Ғасби ҳокимияти давлатӣ манъ аст (моддаи 6). Афзалияти санадҳои ҳуқуқии байналмилалии Тоҷикистон эътироф карда мешавад: мавриди ихтилофоти меъёрҳои қонунгузории Тоҷикистон ва меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ охиронҳо татбиқ мегарданд (моддаи 10).

Боби дуюми Конститутсия ҳуқуқҳо, озодиҳо ва ӯҳдадориҳои инсон ва шаҳрвандро пешбинӣ менамояд. Низоми конститутсионӣ дар принсипи таҷзияи ҳокимияти давлатӣ асос меёбад. Маҷлиси Олӣ (парламенти иборат аз ду табақа) мақомоти қонунгузории кишвар мебошад. Парламент ваколатҳои муҳимро дар соҳаи амният дорад. Фармонҳои Президентро дар бораи ҷорӣ намудани Ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулодда тасдиқ менамояд, инчунин ризоияти худро ба истифодаи Қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон барои иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон (қисми 2 ва3 моддаи 55).

Конститутсия шакли президентии идоракуниро муқаррар менамояд. Президент сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия мебошад. Ба ғайр аз ин, ба ӯ салоҳияти васеъ дар бахши амният мансуб аст. Президент Шӯрои Амниятро таъсис ва роҳбарӣ менамояд, Сарфармондеҳои Олии Қувваҳои мусаллаҳ мебошад, Ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулодда эълон менамояд, Қувваҳои мусаллаҳи кишварро бо ризоияти Парламент берун аз ҳудуди он истифода менамояд (моддаи 69). Президент имкониятҳои васеъро ҷиҳати тасиррасонӣ ба ҳокимияти судӣ ва иҷроия дорад ва дар низоми конститутсионии Ҷумҳурӣ мавқеъи муҳимро ишғол менамояд. Вай метавонад мақомоти амният ва идораи ҳарбиро назоратбарӣ намояд. Ин ба Президент фишанги таъсиррасониро ба сохторҳои қудратии кишвар

медиҳад. Мебоист назоратбарии босамар аз болои амалҳои Президент дар соҳаи амният таъмин карда шавад.

Ҳукумат дар низоми давлатӣ зинаи мустақили конститутсионӣ намебошад ва аз Президент вобаста мебошад. Ваколатҳои худро дар назди Президенти навинтихобшуда вомегузорад (моддаи 74).

Парламент наметавонад ба фаъолияти Президент таъсир расонад ва онро аз вазифа дур созад. Ҳамин тавр, Конститутсия таъсироти Парламентро ба ҳокимияти иҷроияи пурзур наменамояд. Ба ғайр аз ин, нақши Ҳукумат дар соҳаи амният ба таври возеҳ муайян карда нашудааст.

Он ҳолате мусбат мебошад, ки Конститутсия гуногунандешии сиёсӣ ва мафкуравиро эътироф менамояд, аммо заифии низоми ҳизбӣ метавонад ба амалӣ шудани босамари парламент таъсири манфӣ дошта бошад. Хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳуқуқ надоранд, ки дар ҳаёти сиёсии кишвар иштирок намоянд.

Конститутсия эълон менамояд, ки ҳокимияти судӣ мустақил мебошад (моддаи 84). Дар низоми мақомоти судӣ судҳои ҳарбӣ амал мекунанд. Судяҳои суди ҳарбӣ, суди Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, суди иқтисодии Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе аз ҷониби Президент бо пешниҳоди Шӯрои адлия таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд (моддаи 86). Аммо ин ба пуррагӣ ба принсипи мустақилияти адолати судӣ мувофиқат намекунад ва метавонад ба амалишавии назоратбарии самараноки ҳуқуқӣ аз болои фаъолияти мақомоти бахши амният таъсири номатлубро расонад. Бояд назоратбарии интизомӣ ва ҷамъиятӣ аз болои мақомоти адлияи ҳарбӣ пурзӯр карда шавад. Дар сатҳи ҳукуматӣ ислоҳоти судӣ банақшагирӣ шудааст, ки бояд ба мустаҳкам намудани мустақилияти судӣ мусоидат намояд.

## Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» аз 3 ноябри соли 1995 № 94 (Тағйироти охирон аз 6 октябри соли 2008)

Моддаи 1 Қонуни мазкур муайян менамояд, ки вазъияти фавқулодда «тадбири муваққатӣ мебошад, ки он мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуда, низоми махсуси ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо муассисаҳо ва ташкилотҳоро пешбинӣ менамояд ва муваққатан ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, инчунин ҳуқуқи шахсони ҳуқуқиро маҳдуд намуда, ба зимми онҳо вазифаҳои иловагӣ мегузорад». Ин моддаи низ шароитҳоеро муайян менамояд, ки мавриди ба вуҷуд омадани онҳо вазъияти фавқулодда метавонад ҷорӣ мешавад».

Бояд қайд намуд, ки вазъияти фавқулоддаро метавонад Президент ҷорӣ намояд (моддаи 2). Фармони Президент бояд дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон (Парламент) намояндагон баррасӣ гардад. Роҳбарияти икшвар дар ин хусус ба созмони Милали Муттаҳид хабар медиҳад.

Қонун муайян наменамояд, ки оқибати ҳуқуқӣ чӣ тавр аст, агар Парламент Фармони Президентро тасдиқ накунад. Қонун пешбинӣ менамояд, ки Президент ҳақ дорад «пеш аз мӯҳлати муқарраршуда бекор кунад ё мӯҳлати вазъияти фавқулоддаро дароз намояд». Сипас муайян карда шудааст, ки «Қарор дар бораи ҷорӣ намудан, дароз кардани мӯҳлат ва ё бекор кардани вазъияти фавқулодда аз лаҳзаи қабулаш эътибор пайдо мекунад, агар тартиби дигаре махсус таъкид нашуда бошад ва фавран интишор мегардад». Ҳамзамон нақши парламент дар ин соҳа муайян карда нашудааст. (моддаи 3). Метавон хулосабарорӣ кард, ки Президент дорои ваколатҳои васеъ дар ин соҳа мебошад. Қонун ҳуқуқи Парламентро ҷиҳати тағйир додани номгуй ва ҳудуди тадбирҳои фавқулоддаро, ки бо фармони Президент (чӣ тавре бо моддаи 12 Қонуни ҳаммонанди Ҷумҳурии Қирғизистон пешбинӣ шудааст), пешбинӣ наменамояд.

Қонун имконияти ҷорӣ намудани шаклҳои махсуси идоракуниро пешбинӣ менамояд. Ба ин идоракунии бевоситаи Президенти кишвар дар ҳолатҳое, ки мақомоти давлатӣ «иҷрои муносиби амалӣ намудани вазифаҳои худро таъмин наменамоянд» мансуб аст (моддаи 13). Аммо Қонун ба таври возеҳ «шакли махсуси идораи муваққатиро» муайян

нанамудааст. Президент қарорро дар бораи ҷорӣ, бекор ё дароз намудани шаклҳои махсуси идораи муваққатиро қабул менамояд. Нақши Парламент дар мониторинги амалӣ намудани ин шаклҳои идора бо қонун муайян карда нашудааст.

Мӯҳлати ниҳоии амали вазъияти фавқулодда се моҳро ташкил медиҳад. Президент, на Парламент қарорро дар бораи дароз кардани ин реҷаи ҳуқуқӣ қабул менамояд (Бо Қонун муайян карда нашудаст, ба кадом мӯҳлат). Қонун салоҳияти Парламентро ҷиҳати бекор кардани вазъияти фавқулоддаро то ба охир расидани ин мӯҳлат муқаррар нанамудааст. Яъне Қонун ваколатҳоро ба фоидаи Президент тақсим намудаст.

Моддаи 2 Қонун вобаста ба моддаи 47 Конститутсия ҳуқуқҳоро, ки дар мавриди вазъияти фавқулодда мутлақо маҳдуд намегарданд, муайян менамоянд. Бояд қайд намуд, ки Қонуни мазкур тартиби баррасии парвандаҳоро оид ба вайронкунии реҷаи вазъияти фавқулоддаро пешбинӣ наменамояд.

Нақшаи Парламент дар ин соҳа бояд мустаҳкам карда шавад.

## ФАСЛИ II. АМНИЯТИ МИЛЛӢ

### Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 № 721

Қонуни мазкур масъалаҳоро вобаста ба таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад. Дар асоси Қонуни мазкур низоми амнияти миллӣ ташкил карда мешавад; Дар Қонун инчунин вазифаҳои ин низом муайян карда шуданд. Ба ғайр аз ин, Қонун салоҳиятро байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи амнияти миллӣ тақсимот менамояд.

Бояд қайд намуд, ки Президенти кишвар мавқеъи марказиро дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ ишғол менамояд ва дорои ваколати васеъ дар ин соҳа мебошад (моддаи 10). Парламент (Маҷлиси Олӣ) фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулоддаро тасдиқ менамояд. Барои истифодаи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии

Тоҷикистонро берун аз ҳудуди Тоҷикистон ва оид ба иҷрои ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ризоияти худро медиҳад. Парламент инчунин вазифаи қонунгузориро иҷро менамояд ва шартномаҳои байналмилалиро дар соҳаи амнияти миллӣ тасдиқ ва бекор менамояд (моддаи 11). Шӯрои Амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад (Боби 5), ки мақоми машваратӣ назди Президент мебошад.

Таҷриба нишон медиҳад, ки ҳамаи масъалаҳои амниятро дар як санади қонунгузорӣ ба танзим даровардан кори осон нест. Бинобар ин ҳуҷҷати мазкур хислати қолабӣ дорад. Вале он наметавонад консепсияи амнияти миллиро иваз кунад, ки, одатан, бояд самтҳои афзалиятноки сиёсатро дар соҳаи мазкур муайян намояд. Чунин ҳуҷҷат ҳоло дар Тоҷикистон таҳия карда нашудааст. Барои ҳамин бе сабаб нест, ки дар Қонуни қаблӣ мафҳуми хело васеъи амнияти миллӣ пешбинӣ карда мешавад (м. 1).[1]

Мақомоти давлатӣ дорои масъулияти асосӣ дар соҳаи амнияти миллӣ мебошанд. Вазифаҳо ва салоҳияти мақомоти давлатӣ бояд ба таври аниқ муайян карда шуда бошанд. Муҳим он аст, ки низоми мақомоти давлатӣ набояд ҳамчун воситаи таъқиботи сиёсӣ ва пурзӯр намудани давлати полисӣ истифода карда шавад.

Қонуни мазкур бояд дар партави принсипи волоияти ҳокимияти қонунгузорӣ дар соҳаи амният бояд аз нав дида баромада шавад. Салоҳияти сарвари давлат бояд маҳдуд карда шуда назоратбарии парлумонӣ дар ин соҳа пурзӯр карда шавад.

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 20 марти соли 2008 № 362 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 28.06 соли 2011)

Қонуни мазкур низоми мақомоти амнияти миллӣ ва ваколатҳои онҳоро муайян менамояд. Ба ин низом Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қӯшунҳои сарҳадии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин раёсатҳо, хадамот, шӯъбаҳо, бахшҳо, марказҳо,

[1] Ниг. Инчунин қонунгузории Ҷумҳурии Ќирѓизистон дар ин соҳа.

гурўҳҳои Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон шомил мебошанд. Ба низом инчунин раёсатҳо, шўъбаҳо ва бахшҳо оид ба Вилояти Мухтори Кўҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо (мақомоти минтақавии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон) шомил ҳастанд (моддаи 2). Президенти кишвар роҳбарии умумӣ ва назоратбариро аз болои фаъолияти мақомоти амнияти миллӣ амалӣ менамояд (моддаи 1).

Кумитаи давлатӣ сиёсатро дар соҳаи ҳифзи амнияти амнияти миллӣ татбиқ менамояд. Раиси кумита ба вазифа аз тарафи Президенти Ҷумҳурӣ таъин карда мешавад, ки метавонад инчунин Раисро аз вазифа озод намояд (моддаи 3). Бояд қайд намуд, ки Кўшунҳои сарҳадии кишвар воҳиди таркибии Кумитаи давлатии амнияти миллӣ мебошанд (моддаи 4). Ин маъноеро дорад, ки байни вазифаҳои сарҳадӣ ва таъмини амнияти давлатӣ умуман ва аз нуқтаи назари меъёрию ташкилӣ рах кашида нашудаст. Чунин вазъи ҳуқуқӣ таъминоти назоратбарии самараноки демократӣ ва амал кардани худи сохторҳоро мушкил менамояд.

Дар асоси Қонуни мазкур воҳидҳои таъиноти махсус «бо мақсади пешгирии амалҳои террористӣ, тахрибкорӣ ва дигар сўиқасдҳои ҷинояткоронаи махсусан хавфнок, ки ба муқобили шахс, ҷамъият ва давлат равона карда шудаанд», таъсис дода мешаванд (статья 6). Ҳамин тавр, ин воҳидҳо вазифаи полисиро иҷро менамоянд. Вазифаҳо ва ваколатҳои ин воҳидҳои махсус бо Қонуни мазкур муайян карда намешаванд. Кумитаи давлатӣ, аз ин лиҳоз, сохтори пуриқтидор дар низоми бахши амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Қонун вазифаҳо ва самтҳои асосии фаъолияти мақомоти амнияти миллиро муайян менамояд (Боби 2). Мақомоти амнияти миллӣ фаъолияти кашшофӣ ва зиддикашшофӣ, инчунин сарҳадиро амалӣ менамоянд. Ба соҳаи масъулияти ин мақомотҳо инчунин таъмини муҳифизати давлатӣ, таъмини амнияти иншооти махсусан муҳими давлатӣ, намояндагиҳои давлатҳои хориҷӣ ва созмонҳои

байналмилалӣ, ташкили алоқаи ҳукуматӣ ва оперативӣ дохил мешаванд (моддаи 12).[2]

Қонуни мазкур асоси ҳуқуқиро барои ҳамкории мақомоти амнияти миллӣ бо дигар мақомоти давлатӣ муайян менамояд. Мақомоти амнияти миллӣ метавонанд қувваҳо ва воситаҳои Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати мудофиа ва Кумита оид ба вазъияти фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода баранд (моддаи 22). Аммо Қонуни мазкур ҳолатҳоеро пешбинӣ накардааст, ки мақомоти дахлдор бо якдигар ҳамкорӣ менамоянд (метавонанд ҷалб карда шаванд).

Қонун ҳайати шахсии мақомоти амнияти миллӣ ва вазъи онҳоро муайян намудаст (Боби 4). Моддаи 23 пешбинӣ намудааст, ки «Мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳайати шахсии ҳарбӣ ва шаҳрвандӣ пурра карда мешавад».

Метавон хулосабарорӣ кард, ки низоми амнияти миллӣ қисман ҳарбикунонидашуда аст.[3] Проблема дар набудани нақши Парламент оид ба амалӣ намудани назоратбарӣ аз болои фаъолияти мақомоти амнияти миллӣ. Масалан, на ин қадар маълум аст, кич тавр бояд зерҳисоботии ин мақомот таъмин карда шудааст. Инчунин бояд назоратбарии дохилӣ дарнизоми амнияти миллӣ наъмин карда шавад. Ҳангоми ислоҳоти бахши амният бояд заминаи дахлдори меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шавад.

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 22 апрели соли 2003 № 4
## (Тағйиру иловаҳои охирон аз 25.03 соли 2011)

Аз рӯи моддаи 2 Қонуни мазкур сирри давлатӣ – «манфиати ҳифзшавандаи соҳаи мудофиа, иқтисодиёт, робитаҳои хориҷӣ, амнияти давлатӣ ва ҳифзи тартиботи ҳуқуқӣ, ки аз тарафи давлат

---

[2] Моддаи 12 пешбинӣ менамояд, ки «Самтҳои дигари фаъолияти мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд танҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шаванд» Ин ҷо муҳим аст амиқ карда шавад, кадом масъалаҳо бо Ќонун бояд ба танзим дарофарда шаванд.

[3] Ниг.: инчунин таҷрибаи Ќирѓизистонро.

ҳифз гардида, паҳн кардани онҳо ба амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон зарар расонда метавонад».

Дар Қонун ваколатҳои мақомоти давлатӣ дар соҳаи мансуб донистани маълумотҳо ба сирри давлатӣ ва ҳифзи онҳо муайян карда шуданд (моддаи 14). Парламенти кишвар вазифаи қонунгузориро дар соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ амалӣ менамояд, ки инчунин моддаҳои буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин соҳа тасдиқ менамояд, ваколатҳои кормандони дастгоҳи Парламент дар соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ муайян менамояд (қисми 2 моддаи 4).

Бояд қайд намуд, ки ҳокимияти иҷроия дар соҳаи мазкур дорои ваколатҳои васеъ мебошад. Президенти кишвар ҳақ дорад барномаи дахлдори давлатӣ ва номгуйи мақомоти ҳокимияти давлатиро, ки дорои ваколатҳо дар соҳаи мансуб донистани маълумотҳо ба сирри давлатӣ мебошанд, муайян намояд. Бо назари танқид бояд он ҳолате арзёбӣ шавад, ки Президент, на Қонун чунин руйхати мақомоти давлатиро муайян менамояд ва парламент наметавонад босамарона таъсир расонад ва салоҳияти мақомоти иҷроияро дар ин соҳа маҳдуд намояд.

Ба ғайр аз ин, Қонуни мазкур мафҳуми васеъи сиррид давлатиро пешбинӣ менамояд. Доираи иттилоот, ки бевосита ба амнияти миллии Тоҷикистон мансуб мебошад, ки мувофиқи ин бояд ба дараҷаи сирри давлатӣ мансуб дониста шавад, муқаррар карда нашудааст. Бо ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон машғул аст, ки ба ғайр аз ин дорои ваколатҳои васеъ дар соҳаи муайян намудан ва ҳифзи сирри давлатӣ мебошад. Саридораи ҳифзи сирри давлатӣ дар назди Ҳукумат таъсис дода мешавад, ки мақоми махсуси ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи таъмини муҳофизати сирри давлатӣ мебошад.

Боби II Қонуни мазкур маълумотҳоро муайян менамояд, ки ба сирри давлатӣ дар соҳаи мудофиа, иқтисодиёт, муносибатҳои беруна мансуб мебошад. Дар қисми 6 моддаи 5 Қонун муқаррароти муҳим пешбинӣ шудааст, ки мувофиқи он «номгӯи маълумотеро, ки сирри давлатӣ доранд, қонун муайян мекунад». Ҳамин тавр, Қонун принсипи расмиятро муқаррар менамояд.

Боби III Қонуни мазкур масъалаҳои махфи доштани маълумотҳо ва шахсони дорои онҳо бударо ба танзим медарорад, Боби IV бошад – ошкор кардани онҳоро. Дар Қонун инчунин ба таври муфассал тадбирҳои ҳифзи сирри давлатӣ ба танзим дароварда шуданд (Боби V).

Қонун дараҷаҳои махфиятро муайян накардааст ва мӯҳлатҳои ҳатмии бекор кардани иттилоотро муқаррар наменамояд. Қонун бояд мӯҳлати ҳадди аксари амали махфиятро муқаррар намояд (ин метавонад аз муҳимияти иттилоот вобаста бошад). Ба ғайр аз ин, номгуйи дараҷаҳои иттилооте, ки набояд махфӣ гардонида шавад, мебоист васеъ карда шавад.[4]

Қонун имконияти истифодаи сирри давлатиро бар зидди журналистон ва мухбиронро ба пуррагӣ истисно намекунад. Аз рӯи ақидаи экспертҳо, сирри давлатӣ набояд барои он истифода карда шавад, ки ба интишор кардани иттилооти барои ҷомеа манфиати муҳим дорад.[5] Ба ғайр аз ин, моддаи 8 Қонун махфӣ кардани иттилооти хусусиро, ки «моликияти шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмонӣ» мебошад, пешбинӣ менамояд. Чунин таҷриба ба стандартҳои байналмилалӣ дар ин соҳа мувофиқат намекунад.

Қонун низоми босамари назоратбариро ташкил намедиҳад. Кумитаи давлатӣ дар назди Ҳукумат ҳифзи сирри давлатиро таъмин менамояд. Воҳидҳои реҷавию махфии вазоратҳо ва мақомоти дигар низ дорои ваколат оид ба ҳифзи сирри давлатӣ мебошанд. Аён аст, ки Қонун мақоми мустақилро оид ба назоратбарӣ барои назоратбарии босамар таъсис наменамояд. Дар баъзе давлатҳо чунин мақомот дар соҳаи назоратбарии парламентӣ мебошанд. Чунин таҷриба ба принсипи волоияти шаҳрвандӣ ва назоратбарии демократӣ аз болои фаъолияти бахши амният мувофиқат мекунад. Ба ғайр аз ин, муҳим аст, ки назоратбарии дохилӣ инчунин дар қонунгузорӣ пешбинӣ карда шавад.

---

[4] Ниг.: Д. Банисар, *Тафсир ба қонуни «Дар бораи ҳифзи сирри давлатии Ҷумҳурии Қирғизистон»*, Сентябри соли 2005 (САҲА, Намояндаи САҲА оид ба масъалаҳои озодии воситаҳои ахбори омма), саҳ. 10-12.

[5] Банисар, саҳ. 12.

## Хулоса

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми муттамаркази амнияти миллиро мустаҳкам менамояд, ки дар идоракунии боиқтидори Кумитаи давлатии амнияти миллӣ мебошад.

Муносибати тафриқавӣ нисбат ба хадамоти иктишофӣ мавҷуд нест.

Муҳим аст, ки заминаи ҳуқуқӣ таҷдиди назар қарор гирифта ваколатҳо дар байни хадамоти икшофӣ, хусусан, байни низоми амнияти миллӣ (дар маънои маҳдуди ин таъриф) ва дигар ҷузъиёти бахши амният (масалан, кофтуков, дастгиркунӣ ва дигар ваколати полисӣ дар бисёри кишварҳои демократӣ дар доираи салоҳияти мақомоти амнияти миллӣ намебошанд) тақсимот шаванд.

Назоратбарии парламентӣ бояд дар асоси қонунӣ пурзур карда шавад. Таҷдиди назарро низ дараҷаи сиёсӣ гардидани хадамоти дахлдори низоми амнияти миллӣ талаб мекунад. Иштироки бевосита дар соҳаи ҳарбӣ набояд функсияи ин хадамот бошад. Нақши асосии кашшофӣ бояд ба ҷамъоварӣ ва таҳлили иттилоот вобаста шавад.

Дар робита бо ин бояд қайд намуд, ки қонунгузорӣ дар бораи ҳифзи сирри давлатӣ дар коркарди иловагӣ эҳтиёҷот дорад. Хусусан, Қонун бояд мушаххас муайян (ва маҳдуд) намояд он намуди иттилоотеро, ки бевосита бо ҳифзи амнияти миллӣ алоқаманд аст ва метавонад ҳамчун сирри давлатӣ бандубаст карда шавад.

Барномаи махсуси давлатӣ[6] такомули қонунгузориро дар соҳаи амнияти миллӣ ва муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ пешбинӣ менамояд. Аз Барнома бармеояд, ки бояд механизми самараноки ҳифзи манбаъҳои иттилоотӣ аз дастрас намудани ғайриқонунӣ ҷорӣ карда шавад ва амнияти системаҳои дар ҳудуди кишвар амал ва таъсисшаванда таъмин карда шавад. Ба ғайр аз ин, муҳимияти таъмини ҳамаҷонибаи маълумотҳое, ки дорои сирри давлатӣ мебошанд, қобили қайд аст. Барои расидан ба ин мақсадҳо Барнома ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузорӣ (ба Қонунҳо «Дар

[6] Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният барои солҳои 2012-2015», http://mmk.tj/ru/Government-programs/programs/security.

бораи сирри давлатӣ», «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ», «Дар бораи мақомоти амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи кӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи номгӯйи маълумоти дорои сирри давлатӣ») ва ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва талаботи забони давлатӣ мутобиқ гардонидани онҳоро пешбинӣ намудааст. Инчунин қабули Қонун «Дар бораи асосҳои қонунгузорӣ оид ба пешгирии ҷиноятҳо» пешбинӣ карда шудаст.

## ФАСЛИ III. МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ ТЕРРОРИЗМ

### Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» аз 16 ноябри соли 1999 № 845 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 13.06 соли 2013)

Дар моддаи 3 Қонуни мазкур таърифи муфассали терроризм, дар моддаи 4 бошад мафҳумҳои асосии Қонуни мазкур пешбинӣ шуданд: амали террористӣ, ҷиноятҳои дорои хусусияти террористӣ, гурўҳи террористӣ, террорист, ташкилоти террористӣ, мубориза бар зидди терроризм, амалиёти зиддитеррористӣ, минтақаи гузаронидани амалиёти зидди, субъектҳои бар зидди терроризм муборизабаранда.

Роҳбарии умумиро аз болои мубориза бар зидди терроризм Қонун ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 6) вогузор менамояд. Ба дигар субъектҳое, ки муборизаро бар зидди терроризм амалӣ менамоянд, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати мудофиа, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, Гвардияи миллӣ, Кумита оид ба вазъияти фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд (моддаи 7).

Субъекти асосӣ дар ин соҳаи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ мебошад (моддаи8), ки дорои ваколатҳои васеъ мебошад. Кумита вазифаҳои политсаиро амалӣ менамояд: ба салоҳияти он ошкор, пешгирӣ ва қатъ намудани фаъолияти террористӣ дохил мешавад (моддаи 8). Кумита амалиётҳои зиддитеррористиро мегузаронад. Вазорати мудофиа метавонад ба мақомоти амнияти миллӣ дар тайёркунӣ ва гузаронидани чунин амалиётҳо мусоидат намояд. Вазоратҳои адлия ва корҳои хориҷӣ, хадамоти гумрук, мақомоти прокуратура ва судҳо дар доираи салоҳияти худ инчунин дар мубориза бар зидди терроризм иштирок менамоянд.

Фасли III Қонуни мазкур фаъолияти террористӣ ва зиддитеррористиро муайян менамояд. Принсипҳои фаъолияти зиддитеррорист ин қонуният, эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ногузирии ҷазо барои фаъолияти террористӣ, бо ҳам пайвастани усулҳои ошкор ва пинҳонии мубориза бар зидди

терроризм, афзалиятнокии муҳофизати ҳуқуқи шахсоне, ки дучори хатар гардидаанд, қонунӣ будани расонидани зарар ба террорист, яккасардорӣ дар роҳбарии оперативӣ ба қувваҳо ва воситаҳои ҷалбшаванда ҳангоми гузаронидани амалиётҳои зидди террористӣ, пинҳонкории қатъӣ ҳангоми гузаронидани амалиётҳои махсуси зиддитеррорӣ мебошанд (моддаи 13).

Фаслҳои IV-V мубориза бар зидди терроризм ва гузаронидани амалиёти зиддитеррористиро танзим менамоянд.

Фасли охирон минтақаи гузаронидани амалиёти зиддитеррористӣ ва реҷаи ҳуқуқии онро муайян менамояд. Аммо ин реҷаи ҳуқуқӣ ба таври муфассал ба танзим даровarда нашудаст. Таърифи васеъ, ки ба хатари террористӣ дода мешавад, набояд изҳори озодонаи манфиатҳои сиёсиро маҳдуд намояд.Тадбирҳое, ки дар мубориза бар зидди терроризм татбиқ мегарданд, бояд асоси мушаххаси қонунӣ дошта бошанд. Хатари эҳтимолии терроризм набояд боиси ҷорӣ намудани реҷаи махсуси ҳуқуқӣ гардад.

Барои қатъ намудани амали террористӣ метавонад воҳиди Гвардияи миллӣ, инчунин Қувваҳои мусаллаҳ ҷалб карда шаванд. Аммо умуман, дар ин соҳа мақомоти амнияти миллмасъул мебошад.

Инчунин бояд қайд намуд, бо Қонун ваколатҳои Парламенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим даровarда нашуданд. Қонун бояд муайян намояд, ки назоратбариро аз болои амалӣ шудани муқовимат ба терроризм на танҳо Президент ва Ҳукумат амалӣ менамоянд, балки низ Парламент. Ҳокимияти қонунгузорӣ бояд нақши муттамарказро мавриди муайян намудани ҳар гуна маҳдудиятҳои озодиҳои асосӣ ва дар ҳолатҳои татбиқи қувваи мусаллаҳ бар зидди гурӯҳҳо ва ташкилотҳои террористӣ дошта бошад.

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди экстремизм» аз 9 декабри соли 2003 № 69 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 05.03 соли 2007)

Чӣ тавре маълум аст, экстремизм – ин мафҳуми сиёсӣ мебошад, баъзан онро ҳамчун муродифи фаъолияти террористӣ мефаҳманд.

Қонунгузории миллӣ бояд ба таври мушаххас мафҳуми экстремизро муайян намояд ва ваколатҳои мақомоти давлатиро дар ин соҳа маҳдуд намояд.

Дар моддаи 3 Қонуни мазкур мафҳуми васеъи экстремизм оварда шудааст. Мувофиқи Қонун, «экстремизм - ин изҳори фаъолияти ифротии шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ ба даъвати нооромӣ, дигаркунии сохти конститутсионӣ дар давлат, ғасби ҳокимият ва тасарруфи салоҳияти он, ангезонидани нажодпарастӣ, миллатгароӣ, бадбинии иҷтимоӣ, мазҳабӣ». Бояд қайд намуд, ки амалӣ намудани фаъолияти террористӣ инчунин экстремиз мебошад. Инак, экстремизм – мафҳуми хеле васеъ аст, ки терроризм ва ҳуқуқвайронкуниҳои дигарро дар бар мегирад. Экстремизм гуфта масалан, «паст задани шаъни миллӣ» мебошад (моддаи 3). Дар ҳамин радиф савол ба вуҷуд меояд, метавонад Қонуни мазкур ба озодии фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳои динӣ ва воситаҳои ахбори омма ба таври манфӣ таъсир намояд. Қонун бояд дар партави Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маънидод карда шавад, ки озодии изҳори сиёсӣ ва динииии ақидаро кафолат медиҳад.

Фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятӣ метавонад манъ карда шавад, агар он экстремистӣ бошад. Моддаи 3 пешбинӣ менамояд, ки «ташкилоти экстремистӣ - иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ ё дигар ташкилоти ғайритиҷоратие мебошад, ки нисбати он … оид ба барҳам додан ё манъ намудани фаъолият вобаста ба машғул шудан ба фаъолияти экстремистӣ қарори суд ба қувваи қонун даромадааст». Тамоми дастгоҳи давлатӣ дар мубориза бар зидди экстремизм иштирок менамояд, ки «яке аз вазифаҳои афзалиятноки давлат мебошад» (моддаи 6).

Қонун мақомоти давлатиро ҷиҳати татбиқ кардани тадбирҳо бар зидди терроризм ваколатдор мекунад. Қонун инчунин масъулияти воситаҳои ахбори оммаро барои паҳн намудани маводҳои экстремистӣ ва амалӣ намудани фаъолияти экстремистӣ муайян менамояд (моддаи 14).

Умуман, Қонун ба мақомоти давлатӣ дар мубориза бо экстремизм ваколатҳои васеъ медиҳад. Баробари ин, нақши Парламент муайян

карда нашудааст, ки бояд дорои ваколатҳои назоратбарӣ аз болои фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин соҳа дошта бошанд.

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» аз 25 марти соли 2011 № 684 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 13.06 соли 2013)

Қонуни мазкур механизмҳо, тадбирҳо ва расмиёти назоратбариро аз болои амалӣ намудани амалиётҳо бо воситаҳои пулӣ ё амволи дигар муайян менамояд. Қонун нисбат ба ташкилотҳои амалӣ менамудаи чунин амалиётҳо, ки бояд мавриди назоратбарии ҳатмӣ қарор гиранд, талабот муқаррар менамояд (моддаи 6).

Бояд қайд намуд, ки дар Қонун маҳакҳои муайян намудани аҳди шубҳанок муқаррар шуданд (қисми 5 моддаи 6). Қонун ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳоро ба ташкилотҳое, ки амалиётҳоро бо воситаҳои пулӣ амалӣ менамоянд, вогузор мекунад (моддаи 7). Аммо Қонун мақомоти ваколатдоршудаи давлатиро, ки дорои салоҳият дар ин соҳа мебошад, таъсис намедиҳад. Чунин мақомот, мувофиқи моддаи 12, аз тарафи Президенти кишвар муайян карда мешавад. Дар Қонун ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мақоми ваколатдоршуда, ки иттилооти дахлдорро ҷамъоварӣ ва таҳлил менамояд ва тадбирҳои дигарро оид ба пешгирӣ намудани амалиётҳои шубҳанок амалӣ менамояд, пешбинӣ шуданд. Мақомоти ваколатдор ҳақ дорад аз мақомоти давлатӣ иттилоотро дархост намуда гирад. Мувофиқи мақсад аст мақоми ваколатдор дар асоси қонун муайян карда шавад. Чунин муайянкунӣ набояд ба пуррагӣ ба ихтиёри Президенти кишвар вогузошта шавад.

Қонун инчунин масъалаҳои ҳамкории байналмилалиро дар соҳаи муқовимат ба маблағгузории терроризм ба танзим медарорад.

## Хулоса

Мафҳуми васеъи терроризмро дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст, ки дар партави таҷрибаи давлатҳои

дигар (инчунин таҷрибаи минтақавӣ) мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Таҷдиди назари қонунгузорӣ дар бораи мубориза бар зидди экстремизм, ки на танҳо аҳдҳои терроризм, балки дигар ҳуқуқвайронкуниҳоро дар бар мегирад, зарур аст. Бояд ҳудуди амали ин санадҳои қонунгузорӣ амиқтар тақсимот шавад. Дар навбати аввал, бояд имконияти таъсири давлат ба изҳори озоди сиёсӣ маҳдуд карда шавад.

Хатари эҳтимолии терроризм (ё экстремизм) набояд механизми амалӣ шудани тадбирҳои репрессивии давлат гардад. Нақша парламент бояд дар қонунгузорӣ мустаҳкам карда шавад. Принсипи мутаносибӣ инчунин бояд дар қонунгузорӣ дар бораи терроризм ҷорӣ карда шавад.

## ФАСЛИ IV. МУДОФИА ВА ҚУВВАҲОИ МУСАЛЛАҲ

### Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 03.10 соли 2005

Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори парламенти кишвар аз 3 октябри соли 2005 тасдиқ шуда буд. Дар ҳуҷҷати мазкур асосҳои ҳарбӣ-сиёсӣ, ҳарбӣ-стратегӣ ва ҳарбӣ-иқтисодии таъминоти амнияти ҳарбии кишвар муайян карда шуданд.

Доктрина «ҳуҷҷати давраи гузариш» мебошад ва хислати мудофиавӣ дорад. Дар ҳуҷҷат қайд карда мешавад, ки «қувваи ҳарбӣ аҳамияти худро дар кори ҳимоя аз терроризми байналмилали, экстремизми сиёси, сепаратизм, қочоқи маводи нашъаовар, нигоҳдории тамомияти арзи, истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳ надодан ба дахолат ба корҳои дохилии он аз тарафи давлатҳои дигар нигоҳ медорад».

Тоҷикистон тарафдори давра ба давра «аз ҷониби ҳамаи давлатҳо, махсусан давлатҳои Осиёи Маркази ихтисор гардидани Қувваҳои Мусаллаҳи худ то ба ҳадди камтарини зарурати дифоъ» мебошад. Тоҷикистон аҳамияти махсусро ба мустаҳкам намудани ҳамкории

минтақавӣ ва глобалӣ дар соҳаи амнияти дастаҷамъӣ аҳамияти махсус медиҳад.

Доктринаи ҳарбӣ ҳадафҳои сиёсии ҷумҳуриро муайян менамояд, инчунин тартиби истифодаи Қувваҳои мусаллаҳ ва дигар кӯшунҳоро дар низоъҳои мусаллаҳона муайян менамояд. Қувваи ҳарбӣ метавонад бо мақсади мудофиаи дастаҷамъӣ ва амният истифода шавад. Ҷолиби қайд аст, ки Доктринаи ҳарбии Тоҷикистон (ҳамчунин монанди Доктринаи Ҳарбии Қирғизистон) муайян менамояд, ки низоъи сарҳадӣ шакли махсуси низоъи ҷангӣ мебошад. Ин онро тасдиқ менамояд, ки масъалаҳои сарҳадӣ дар соҳаи амният мавқеъи махсусро доранд.

Ҳуҷҷати мазкур вазифаҳои давлатро дар соҳаи мудофиа муайян менамояд, инчунин таъинот ва вазифаҳои Қувваҳои мусаллаҳро. Сохтори ҳарбӣ доираи васеъи воҳидҳои ҳарбикунонидашударо фаро мегирад.

Ин воҳидҳо Кӯшунҳои хушкигард, Кӯшунҳои зудамал, Кӯшунҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ, Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ, ки намудҳои Қувваҳои мусаллаҳро ташкил медиҳанд, ва дар замони ҷанг ба худ инчунин кӯшунҳои мақомоти амният, Кӯшунҳои сарҳадӣ, Кӯшунҳои дохилӣ, Гвардияи миллӣ, Агентии таъмини амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва воҳидҳои ҳарбии мудофиаи гражданиро фаро мегиранд.

Доктринаи ҳарбӣ инчунин масъалаҳои омодагии Қувваҳои мусаллаҳ ба зада гардонидани ҳуҷуми ҳарбӣ ва омодагии кишвар ва аҳолӣ ба мудофиа ба танзим медарорадю Президент, Шӯрои амният, Ҳукумат ва Вазорати мудофиа мақомоти асосӣ оид ба роҳбарии мудофиаи мамлакат мебошанд. Доктрина масъалаҳои таъминоти ҳарбӣ-иқтисодии мудофиаи Точикистонро дарбар мегирад. Вобаста ба ин бояд қайд намуд, ки мутаасифона вазъи иқтисодии кунунӣ дар ҷомеа ва дар артиш ба сохтмони сохторҳои самараноки мудофиа ва амнияти милии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат наменамояд.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 14 декабри соли 1996 № 316 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 05.03 соли 2007)**

Қонуни мазкур таъинот ва вазифаҳои Қувваҳои мусаллаҳро, принсипҳои ташкил ва амали онҳоро муайян менамояд.

Мувофиқи Қонун, ба ҳайати Қувваҳои мусаллаҳ воҳидҳое наметавонанд дохил шуда наметавонанд, ки «ки фаъолияти онҳо бо таъиноти Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таъмини амалиёти онҳо алоқаманд нест» (моддаи 5). Бо Қонун аз 5 марти соли 2007 тағйирот ба ҳуҷҷати қаблӣ ворид карда шуд, ки тибқи он дар замони ҷанг ба ҳайати Қувваҳои мусаллаҳ инчунин Гвардияи миллӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, кӯшунҳо дохилии Вазорати корҳои дохилӣ, кӯшунҳои мудофиаи граждании Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ дар назди Ҳукумат, полки посбоникунандаи раёсати корҳои ислоҳии Вазорати адлия, Агентии таъмини амволи махсуси назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дохил мешаванд. Ҳамин тавр, як қатор мақомоти давлатӣ ба ҳайати Қувваҳои мусаллаҳдар замони ҷанг дохил карда мешаванд.

Моддаи 6 масъалаи муҳими пуррагардонии Қувваҳои мусаллаҳро, ки бояд тариихтиёрӣ амалкарда шавад, танзим мекунад. Бояд таҷрибаи мавҷудаи пуррагардонӣ дар партави ин меъёр мавриди таҳлил қарор дода шавад. Қонунгузории Тоҷикистон пуррагардонии Қувваҳои мусаллаҳро тариқи маҷбурӣ иҷозат намедиҳад (бо усули «иҳота карда доштан»).

Ба ғайр аз ин, Қонун ташкил ва таҳти назоратбарии Қувваҳои мусаллаҳро танзим менамояд. Роҳбарии умумиро аз болои Қувваҳои мусаллаҳ Президенти кишвар амалӣ менамояд, роҳбарии бевоситаро бошад – Вазири мудофиа (моддаи 7). Аҷиб аст, ки тибқи ҳамон модда, мансабҳои Вазири мудофиа, муовинони ӯ ва дигар шахсони мансабдор дар Қувваҳои мусаллаҳ дар ҳолатҳои истиноӣ метавонанд аз тарафи шахсони шаҳрвандӣ ишғол шаванд. Яъне, шахсони шаҳрвандӣ танҳо дар ҳолатҳои истиноӣ метавонанд роҳбарии

бевоситаро дар низоми мудофиа амалӣ намоянд. Чунин вазъият на ин қадар ба принсипи назоратбарии шаҳрвандӣ аз болои соҳаи ҳарбӣ мувофиқат мекунад. Идораи оперативии кӯшунҳо аз тарафи Сарситоди Куввахои мусаллаҳ амалӣ карда мешавад.

Қонун муайян менамояд, ки ба ҷойгиронӣ ва истифодабарии қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳ берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ичрои ӯҳдадориҳои байналмилалии кишвар бо ризоияти Парламент ва мувофиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳ дода мешавад (моддаи 9). Қонун низ пешбинӣ менамояд, ки як қисми Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ризоияти Парламенти кишвар мувофиқи Фармони Президент «ба ҳайати Қувваҳои Мусаллаҳи муттаҳида дохил шуда ё таҳти фармондеҳии муттаҳида мувофиқ ба ӯҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифта метавонад» (моддаи 10). Масъалаҳои назоратбарии минбаъда аз болои фаъолияти Қувваҳои мусаллаҳ дар Қонуни мазкур ба танзим даровarda нашуданд. Бо вуҷуди ин метавон гуфт, ки Қонун Парламенти Тоҷикистонро бо вазифаҳои муҳими назоратбаранда доро менамояд.

Дар моддаи 10 муайян карда шудааст, ки Қувваҳои мусаллаҳ «ҳамеша бо дигар сохторҳои ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкорӣ менамоянд». Аммо хислат ва шаклҳои чунин ҳамкорӣ дар Қонун амиқ карда намешаванд. Мувофиқан, ба масъалаи имконияти истифодаи Қувваҳои мусаллаҳ дар дохили кишвар равшанӣ андохта нашудааст (чунин истифодабариро Қонуни мазкур манъ накардааст. Таҷрибаи истифодаи Қувваҳои мусаллаҳ дар дохили давлат мавҷуд аст).

Қонуни мазкур таъсис ва фаъолияти ташкилотҳои ҷамъиятиро дар Қувваҳои мусаллаҳи кишвар маҳдуд менамояд (моддаи 12). Назорати қонуниятро дар Қувваҳои мусаллаҳ Прокурори генералӣ ва прокуророни ҳарбии ба зертобеъ амалӣ менамоянд. Судҳои ҳарбӣ ҳифзи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбиро амалӣ менамоянд.

Бояд маънкунии истифодабарии Қувваҳои мусаллаҳ барои ҳалли масъалаҳои дохилидавлатии сиёсӣ ҷорӣ карда шавад. Парламент бошад мувофиқи қонунгузорӣ ва Конститутсия хароҷотҳоро барои мудофиа тасдиқ менамояд. Назоратбарии парламентӣ бояд дар

қонунгузорӣ мустаҳкам карда шавад. Принсипи назоратбарии демократӣ аз болои соҳаи ҳарбӣ бояд боз ҳам мушаххас дар таҷрибаи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» аз 4 ноябри соли 1995, N 208 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 29.12 соли 2010)

Соҳаи таъмини мудофиа доираи васеъи мақомоти давлатиро дарбар мегирад, ки метавонанд ба мудофиа бо татбиқи воситаҳои муборизаи мусаллаҳ ҷалб карда шаванд (моддаи 1). Ҳамин тавр, мудофиа яке аз мақсадҳои муҳимтарини давлат мебошад.

Қонуни мазкур ташкили мудофиаро танзим менамояд ва ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатиро дар ин соҳа муайян мекунад. Илова бар ин, Қонун низ салоҳияти Парламентро – Маҷлиси Олиро – даор соҳаи мудофиа муайян менамояд (моддаи 6), ки аз ду Маҷлис – Маҷлиси милли и Маджлиси намояндагон иборат аст.

Маҷлиси милли ва Маҷлиси намояндагон ҳангоми гузаронидани ҷаласаҳои якҷоя паёми Президентро оид ба масъалаҳои мудофиа мешунаванд, ба истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳ берун аз ҳудуди ризоият медиҳанд, бо рутбаи олии ҳарбӣ сарфароз мегардонанд. Парламенти инчунин фармонҳои Президентро дар бораи ҷори намудани ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулодда, дар бораи истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар сохторҳои ҳарби дар сурати ба вуҷудои ё таҳдиди бавуҷудоии задухӯрдҳои мусаллаҳона дар ҳудуди ҷумҳури, ки ба якпорчагӣ ва асоси конституцсионии давлат таҳдид мекунанд, тасдиқ менамояд. Ба ғайр аз ин, Парламент Фармонҳои Президентро дар бораи эълони ҷанг, ташкил ва идоракунии ҳокимияти маҳаллии давраи ҷанг, қатъ кардани ҷанг ва бастани сулҳ, дар бораи таъин намудани Вазири мудофиа тасдиқ мекунанд.

Илова бар ин, ҳардуи палатаҳои Парламент масъалаҳоеро, ки бо сарҳади давлат вобаста мебошанд, танзим менамоянд ва низоми онро муқаррар менамоянд. Мувофиқи Қонун, Маҷлиси миллӣ қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагонро дар соҳаи ҳарбӣ, барои таъин ва озод намудани муовини прокурори генералӣ – сарпрокурори ҳарбӣ

ризоият медиҳад, судяҳои коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро интихоб мекунад ва бозмехонад, масъалаи бекор кардани дахлнопазирии судяҳои коллегияи ҳарбии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро баррасӣ менамояд.

Бо қонун инчунин ваколатҳои Маҷлиси намояндагон муайян карда шуданд. Ба ин ваколатҳо татбиқи қонунҳо ва қарорҳо дар соҳаи мудофиа ва амалӣ намудани назоратбарӣ аз болои иҷрои онҳо, бо пешниҳоди Президент ҳайат, сохтори умумӣ ва шумораи Қувваҳои Мусаллаҳ ва сохторҳои дигари ҳарбиро, доктринаи ҳарбӣ ва ҳаҷми маблағҷудокунӣ барои мудофиа тасдиқ мекунад, шартномаҳои байналмилалиро дар соҳаи ҳарбӣ тасдиқ ва бекор мекунад, муқаррар намудани рутбаҳои ҳарбӣ, матни Савганди ҳарбӣ, Оинномаҳои умумиҳарбӣ, байрақҳои ҷангӣ ва парҷамҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро тасдиқ мекунад (Қонун аз 29.11 соли 2000 № 23). Ҳамин тавр, Парламент дорои ваколатҳои муҳим дар соҳаи мудофиа мебошад.

Илова бар ин, Қонун ваколатҳои Президентро дар соҳаи мудофиа муайян менамояд. Президент Сарфармондеҳи Қувваҳои мусаллаҳ мебошад ва дорои ваколатҳои васеъ аст. Ваколатҳои Шӯрои амният, ҳокимияти судӣ ва Вазорати мудофиа низ дар Қонун муайян карда шуданд. Дорои вазифаҳои муҳим дигар вазоратҳо, идораҳо ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мебошанд (моддаҳои 7-13).

Боби 3 Қонун вазифаҳои шахсони ҳуқуқӣ ва ҷисмониро муқаррар менамояд. Боби 4 таърифи Қувваҳои мусаллаҳ ва дигар воҳидҳои ҳарбиро муайян менамояд. Дар боби 5 масъалаҳои ҳолати ҷанг, вазъияти ҳарбӣ ва сафарбаркунӣ танзим карда шуданд. Боби 6 мудофиаи граждани ва ҳудудиро муайян менамояд. Ба ғайр аз ин, масъалаҳои таъмини иқтисодии мудофиа дар Боби 7 Қонуни мазкур танзим карда шуданд. Бояд қайд намуд, ки Қонун бартарияти меъёрҳои байналмилалии ҳуқуқиро мавриди иҷрои ӯҳдадориҳои

талаботе, ки дар Қонун пешбинӣ гардиданд, муқаррар менамояд (моддаи 29).[7]

## Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Низомномаи Сарситоди ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 5 июни соли 1997 № 736

Сарситоди ҳарбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми асосии идоракунии оперативии Қувваҳои мусаллаҳ мебошад. Он ваколатҳои васеъро на танҳо дар замони ҷанг, балки дар замони осоишта дорад.

Муовини аввали вазири мудофиа Сардори Сарситод мебошад. Вайро Президент ба вазифа таъин ва аз вазифа озод менамояд (қисми 6). Принсипи тақсимоти вазифавии ваколатҳо дар байни зинаҳои гражданӣ ва ҳарбии мудофиа ва принсипи волоияти шаҳрвандӣ дар соҳаи ҳарбӣ бояд бештар амиқ дар қонунгузорӣ тарҳрезӣ карда шаванд.

## Низомнома «Дар бораи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2006 №601 тасдиқ шудааст (Тағйиру иловаҳои охирон аз 30.05 соли 2008)

Вазорати мудофиа - мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи мудофиа мебошад (қисми 1). Низомномаи мазкур ваколатҳои вазирати мудофиаро муайян менамояд. Бояд қайд намуд,

---

[7] «Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди ташкил ва амалишавии мудофиа ӯҳдадор мегардад, ки меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳоро, ки Тоҷиикистон иштирокчии онҳо мебошад, риоя намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди ташкил ва амалӣ намудани мудофиа санадҳои ба байналмилалии ҳуқуқӣ дар соҳаи мудофиа ва амният аз болои қонунгузории миллӣ оид ба масъалаҳои ҳаммонанд афзалият медиҳад.

Мавриди мувофиқат накардани қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқуқии дигари Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи мудофиа ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ меъёрҳои санадҳои байналмилалии ҳуқуқӣ татбиқ мегарданд».

ки ба вазифаҳои Вазорат, аз ҷумла вазифаи «мубориза бар зидди терроризм ва савдои одамон» мансуб мебошад. Ба ғайр аз ин, Низомнома масъалаҳои ташкили фаъолияти Вазорати мудофиаро (Фасли III) танзим менамояд.

Салоҳият ва вазифаҳои Вазири мудофиа, ки аз ҷониби Президенти Ҷумҳурӣ ба мансаб таъин карда мешавад, муайян гардиданд. Қисми 19 Низомномаи мазкур пешбинӣ менамояд, ки назоратбарӣ аз болои фаъолияти Вазорати мудофиаро Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамоянд. Баробари ин нақши парламенти кишвар муайян карда намешавад.

Ғайриқаноатбахш мебошад танзими муносибати кории Вазири мудофиа ва Сарситод. Низомнома (ва умуман қонунгузорӣ) муайян накардааст, оё Вазири мудофиа кафолати назоратбарии гражданӣ (сиёсӣ) аз болои фаъолияти Қувваҳои мусаллаҳ мебошад ё не.

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ» аз 1 марти соли 2005 №90 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 01.08 соли 2012)

Қонуни мазкур вазъи хизматчиёни ҳарбиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд. Қисми 2 моддаи 1 Қонуни мазкур пешбинӣ менамояд, ки «хизматчиёни ҳарбӣ дорои ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, бо маҳдудкунии муайяне мебошанд, ки Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни мазкур, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудаанд». Ҳамин тавр, чунин маҳдудиятҳо бо хусусияти хислати хизмати ҳарбӣ сабабнок нашуданд.

Умуман, Қонун принсипи «шаҳрвандро дар либоси ҳарбӣ» мустаҳкам менамояд, ки бо як қатор Конститутсияҳои кишварҳои ғарбӣ пешбинӣ шудаст. Бояд қайд намуд, ки маҳдудиятҳои ҳукуқ ва озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ одатан дар Қонун бояд муайян шуда бошанд. Чунин назар аз талаботи муайян будани ҳар гуна маҳдудиятҳои ҳукуқҳои инсон бармеояд. Парламент бояд дорои ваколатҳо ва қобили муайян кардани маҳдудиятҳои ҳуқуқу озодиҳои

инсон дар асоси қонунӣ бошад. Аз ин бармеояд, ки чунин маҳдудиятҳо набояд бо санадҳои зерқонунӣ ҷорӣ карда шаванд.

Қонун доираи шахсонеро, ки вазъи хизматчиёни ҳарбиро доранд, муайян менамояд (моддаи 2). Ба ғайр аз ин, дар Қонун масъалаҳои ҳифзи иҷтимоӣ ва махсуси хизматчиёни ҳарбӣ ба танзим дароварда шуданд (моддаи 3).[8] Аммо дар он муайян карда намешавад, ки мазмун ва ҳаҷми ҳуқуқҳои хизматчиёни ҳарбӣ аз он вобаста аст, ки онҳо мавриди иҷрои ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ мебошанд ё не. Қонунгузорӣ бояд муайян намояд, ки чӣ тавр ва то кадом дараҷа ҳуқуқ ва озодиҳои хизматчиёни ҳарбӣ маҳдуд мешаванд дар ин ё он ҳолат.

Дар Қонун намудҳои маҳдудиятҳои хизматчиёни ҳарбӣ дар амалисозии ҳуқуқҳои онҳо пешбинӣ нашудаст. Баробари ин, дар Қонун ҳуқуқҳои алоҳида дақиқ ба танзим дароварда нашудаст (Боби II). Бинобар ин, Қонун принсипи гуногунақидагии хизматчиёни ҳарбиро мустаҳкам менамояд (моддаи 6). Қонун ҳуқуқи хизматчиёни ҳарбиро ба шикоят овардан аз болои амалҳои ғайриқонунӣ (моддаи 19), чунин амалҳо аз тарафи мақомоти идоракунии ҳарбӣ ва командирон пешбинӣ менамояд. Қонун инчунин масъалаҳои мурофиаи судӣ ва ҳуқуқи гирифтани кӯмаки ҳуқуқиро ба танзим медарорад (моддаи 20). Ин кафолатҳо дар шароити муносибатҳои ғайриоинномавӣ дар артиш аҳамияти махсус доранд.

### Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ӯҳдадории умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ» аз 29 ноябри соли 2000 № 30 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 28.12 соли 2012)

Қонуни мазкур масъалаҳои қайди ҳарбӣ ва даъвати шаҳрвандонро ба хизмати ҳарбӣ танзим менамояд. Дар Қонун инчунин ба хизмати ҳарбӣ тайёр кардан ва гузаштани хизмати ҳарбӣ ба танзим дароварда

---

[8] Инчунин шаҳрвандонеро, ки аз хизмати ҳарбӣ рухсат шуданд ва аъзоёни оилаҳои онҳо. Қонун «дар бораи таъминоти нафақаи хизматчиёни ҳарбӣ» аз 1 декабри соли 1994 №1106 (дар ҳолати 26 марти соли 2009) шартҳо, меъёрҳо ва расмиёти таъминоти нафақаро муқаррар менамояд. Нафақа барои собиқаи хизмат, оид ба маъюбӣ ва дар ҳолати аз даст додани саробон пардохт карда мешавад.

шудаст. Ба эҳтиёт дохил шудан, аз ҷумла даъват ба ҷамъомади ҳарбӣ дар давраи дар эҳтиёт будан, инчунин тайёрии ҳарбӣ дар замони ҷанг низ дар санади қонунгузории мазкур пешбинӣ шуданд.

Дар Тоҷикистон амалан хизмати шаҳрвандии алтернативӣ вуҷуд надорад. Аммо Қонун пешбинӣ менамояд, ки шаҳрванд ҳуқуқ дорад ба ҷои адои хизмати ҳарбӣ хизмати алтернативӣ адо намояд. Тартиби адои хизмати алтернативиро Қонуни махсус муайян мекунад (моддаи 1). Вале чунин Қонун алҳол дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал намекунад. Ҳамин тавр, даъватшавандагон аз имконияти гузаштани хизмати алтернативӣ маҳрум мебошанд. Экспертҳо бар ақидаи онанд, ки мавҷуд намудани хизмати алтернативӣ яке аз масоили ҷиддӣ дар соҳаи таъминоти ҳуқуқи инсон мебошад. Аз ин лиҳоз, таъсиси хизмати алтернативӣ зарур аст.

Проблемаҳо мавриди даъвати шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ бавуҷуд меоянд. Дар ин соҳа таҷрибакунонии «иҳота (облава)»[9] ҷой дорад, ки онро ҳамчун дастгиркунии зиддиқонунӣ бандубаст кардан мумкин аст. Мушоҳидон иҳотаро ҳамчун «амалҳои ғайриқонунии намояндагони комиссияҳои даъватӣ ва милитсия, ки ба дастгиркунӣ ва овардани шаҳрвандони сини даъватӣ ба комиссияҳои даъватӣ[10] дида мебароянд. Инак, дар амалия расмиёти қонунии овардани даъватшавандагони саркашӣ намуда ба комиссияи даъватӣ таҷриба шудаст. Ба ғайр аз ин, ҳуқуқҳои инсон мавриди маракаи даъватӣ ва ҳуқуқи инсон ба ҳимояи судӣ поймол мегарданд.

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи разведкаи ҳарбии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 декабри соли 2002 № 78 (дар ҳолати 01.08 соли 2012)

---

[9] «Таджикистан: Армию пополняют путем облав на улицах и несильной вербовки», Eurasianet 5 апреля 2012 года, http://russian.eurasianet.org/node/59277.

[10] National Endowment for Democracy / Ассотсиятсияи Њуқуқшиносони Ҷавони «АМПАРО» - Натиҷаҳои мониторинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011, 11-2.

Разведкаи ҳарбӣ «қисми таркибии таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бояд амнияти шахс, ҷамъият ва давлатро аз хатари беруна бо истифодаи тарзу усулҳо ва воситаҳои муайянкардаи ҳамин Қонун муҳофизат намояд» (моддаи 1).

Қонун мақсадҳои фаъолияти разведкавӣ ва ваколатҳои разведкаи ҳарбиро муайян менамояд. Бояд қайд намуд, ки мувофиқи Қонун, барои иттилоотонии ҷомеа дар бораи фаъолияти худ мақомоти разведкаи ҳарбӣ алоқаро бо ташкилотҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма ва шаҳрвандон ба воситаи хадамоти дахлдор амалӣ менамоянд. Ин хадамот дар сохтори Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода мешавад (моддаи 9).

Баробари ин Қонуни мазкур масъалаҳои назоратбарии парлумониро аз болои фаъолияти мақомоти разведкаи ҳарбӣ дарбар намегирад. Мувофиқи моддаи 12, роҳбарии умумии мақомоти разведкаи ҳарбиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд. Ба ғайр аз ин, моддаи 24 муайян менамояд, ки «назорати умумиро ба фаъолияти мақомоти разведкаи ҳарбӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал мебарорад».

Қонун инчунин вазъи кормандони разведкаи ҳарбиро муайян менамояд. Кормандони мақомоти разведкаи ҳарби хизматчиёни ҳарбӣ ва хизматчиёни ҳайати кадрҳо мебошанд (моддаи 17). Ҳамин тариқ, разведкаи ҳарбӣ қисмати таркибии Қувваҳои мусаллаҳ мебошад. Чунин таҷриба на ин қадар ба стандартҳои байналмилалӣ дар ин соҳа мувофиқат мекунад. Бахши ҳарбии кишвар доираи васеъи мақомоти бахши амниятро фаро мегирад. Мебоист ин вазъиятро дар партави Конститутсия ва стандартҳои байналмилалӣ таҷдиди назар карда шавад[11].

[11] Ниг., масалан, тавсияи Шӯрои Аврупо 1402 (1999), *Control of internal security services in Council of Europe member states*.

### Низомнома «Дар бораи мақомоти прокуратураи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 сентябри соли 2008 №543 тасдиқ шудааст

Прокуратураи ҳарбӣ ба низоми ягонаи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил шуда ба Прокурори генералии кишвар зертобеъ мебошад (моддаи 1). Ҳамин тавр, ин мақом қисмати Кувваҳои мусаллаҳ намебошад; ин фарқияти муҳим, ки мустақилияти прокуратураи ҳарбиро аз Кувваҳои мусаллаҳ кафолат медихад.

Положение определяет полномочия органов военной прокуратуры (Глава 2) и организацию их деятельности (Глава 3).

Следует отметить, что в некоторых странах система военной прокуратуры была отменена, так как гражданская система считается более независимой от военного сектора и более эффективной при осуществлении основных правовых гарантий.

### Низомнома «Дар бораи бақайдгирии ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 маи соли 1994 №141

Ҳуҷҷати мазкур масъалаҳоеро, ки бо қайди ҳарбии шаҳрвандон алоқаман мебошанд, танзим менамояд. Мақомоти Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ ва ҷамоатҳо пешбурди қайди ҳарбии ибтидоии шаҳрвандонро дар синни расидан ба 16-солагӣ таъмин менамоянд (қисми 3). Ин муқаррарот бояд дар партави масоили мавриди татбиқ дар амал ба вуҷуд меомада бояд таҷдиди назар гардад. Масалан, экспертҳои тоҷикистонӣ тавсия медиҳанд, ки меъёре ихтисор карда шавад, ки қайди қайди ҳарбии ибтидоиро дар ҷамоатҳо муқаррар менамояд. Онҳо таъкид менамоянд, ки ин меъёр ҳамаи расмиётро мураккаб мегардонад.

### Низомнома «Дар бораи тартиби таълими умумии ҳарбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 29 марти соли 1994 № 144

Ҳуҷҷати мазкур пешбинӣ менамояд, ки таълими умумии ҳарбӣ бо мақсади тайёр намудани миқдори кофии даъватгавандагон барои мукаммалгардонии Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кӯшунҳои дигар дар замони осоишта ва замони ҷанг муқаррар карда мешавад (қисми 1.1).

Низомнома таълимоти ҳарбиро дар муассисаҳои олии таҳсилоти ҳарбӣ, ки бевосита ба Вазири мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон итоат мекунанд, инчунин таълимоти умумии аҳолиро дар низоми Мудофиаи граждане танзим менамояд. Ба ғайр аз ин, Низомнома тартиби таълимро дар низоми муассисаҳои миёнаи таҳсилотӣ ва муассисаҳои олии таҳсилотии шаҳрвандӣ танзим менамояд. Бояд стандартҳои байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқи байналмилалии гуманитарӣ дар барномаҳои таълимӣ дохил карда шаванд. Ҳамаи низоми таълимӣ ва маводҳои таълимӣ бояд ба стандартҳои байналмилалӣ дар ин соҳа мувофиқат кунанд.

**Низомнома «Дар бораи тартиби адои хизмати ҳарбӣ» аз 11 июни соли 2001 № 257**

Низомнома мафҳумҳои хизматчии ҳарбӣ ва гузаштани хизмати ҳарбиро муайян менамояд. Ба ғайр аз ин, дар Низомнома тартиби ба хизмати ҳарбӣ қабул шудан, таъин гардидан ба мансабҳои ҳарбӣ, тартиби интиқоли хизматчиёни ҳарбӣ, ҳайат ва унвонҳои ҳарбии хизматчиёни ҳарбӣ ба танзим даровардa шуданд. Дар ин санади меъёрӣ инчунин тартиби аттестатсия, намудҳои рухсатиҳо, тартиби рухсатшавӣ аз хизмати ҳарбӣ, захираи кадрии эҳтиёти Қувваҳои мусаллаҳ ва тартиби амал мавриди эълони сафарбарӣ ба хизмати ҳарбӣ ба танзим дароварда шуданд.

**Низомнома «Дар бораи мувофиқи сафарбарӣ ба хизмати ҳарбӣ даъват намудани шаҳрвандон» аз 9 ноябри соли 2000 № 464**

Низомнома тартиби даъватро ба хизмати ҳарбӣ мувофиқи сафарбарии шаҳрвандони дар эҳтиёт буда муайян менамояд. Ҳуҷҷат

чорабиниҳоро, ки чун даъват фаҳмида мешаванд, муайян менамояд (қисми 1). Қисми 15 пешбинӣ менамояд, ки «ҷамъомади шаҳрвандони ба хизмати ҳарбӣ даъват мешуда (ба кор равон мешуда), ки дар маҳал зиндагонӣ мекунанд ва овардани онҳо ба нуқтаҳои ҷамъомади пешакӣ аз тарафи мақомоти идоракунии маҳаллӣ амалӣ карда мешавад».

**Низомнома «Дар бораи тартиби анҷоми ҷамомадҳои ҳарбии ӯҳдадорони ҳарбӣ» аз 2 маи соли 1994 № 207**

Низомнома тартиби даъватро ба хизмати ҳарбӣ мувофиқи сафарбарӣ пешбинӣ менамояд ва ҳуқуқ ва озодиҳои мақомоти ҳокимияти давлатиро дар ин соҳа муайян менамояд. Қонун инчунин ташкили гузаронидани ҷамъомадҳоро, инчунин ҳуқуқҳо, ӯҳдадориҳо ва масъулияти ӯҳдадорони ҳарбиро вобаста ба гузаронидани ҷамъомадҳои ҳарбӣ муқаррар менамояд.

**Низомнома «Дар бораи тартиби ба хизмати ҳарбӣ тайёр кардани шаҳрвандон» аз 4 феврали соли 1999 № 32**

Низомнома тартиби ба хизмати ҳарбӣ тайёр кардани шаҳрвандонро муайян менамояд. Ҳуҷҷат пешбинӣ менамояд, ки роҳбарии умумӣ ва назоратбарӣ аз болои тайёркунии шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ ба Сарситоди Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад (қисми 1). Бо Низомнома инчунин ваколатҳои дигар мақомоти давлатӣ муқаррар карда мешаванд. Дар тайёр кардани шаҳрвандон ба хизмати ҳарбӣ Кумита оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ, Вазорати маориф, инчунин Вазорати тандурустӣ иштирок менамоянд.

**Низомнома «Дар бораи таъминоти хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо амволи шайъӣ» аз 26 июли соли 2000 № 321**

Ҳуҷҷати мазкур тартиби дар шароити осоишта бо амволи шайъи таъмин намудани хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар вазорату идораҳое, ки дар онҳо тибқи Қонун хизмати ҳарбӣ пешбинӣ гардидааст, инчунин шаҳрвандони ба ҷамъомадҳои ҳарбӣ даъватшударо муайян мекунад (қисми 1). Низомнома тартиби таъминоти хизматчиёни ҳарбӣ бо амволи шаъӣ ва инвентарӣ муайян менамояд.

**Низомнома «Дар бораи ташхиси тиббии ҳарбӣ» аз 3 декабри соли 2002 № 695**

Ҳуҷҷати мазкур тартиби гузаронидани экспертизаи тиббии ҳарбӣ дар Қувваҳои мусаллаҳ ва мақомоти давлатии бахши амният танзим менамояд. Барои гузаронидани экспертизаи тиббии ҳарбӣ комиссияҳои тиббии ҳарбии штатӣ ва комиссияҳои ҳарбии парвозӣ бо озмоишгоҳҳои психофизиологӣ бо хизматрасонии пулакӣ таъсис дода мешаванд.

Низомнома салоҳияти комиссияи тиббии ҳарбиро муайян менамояд (қисми 2). Ҳуҷҷати мазкур пешбинӣ менамояд, ки муоинаи ғоибона манъ аст, агар тартиби дигар бо Низомномаи қаблӣ пешбинӣ нашуда бошад (қисми 4). Низомнома муқаррар менамояд, ки ташкили муоинаи тиббии шаҳрвандон мавриди ба қайди ҳарбии ибтидоӣ гузоштан ба зиммаи комиссияи ноҳиявӣ ё шаҳрӣ оид ба қайди ҳарбии шаҳрвандон вогузор карда мешавад. Ба ғайр аз ин, Низомнома муайян менамояд, ки ташкили муоинаи тиббии шаҳрвандон, ки хизмати ҳарбиро намегузаранд ва ба хизмати ҳарбӣ ба таври ихтиёрӣ қабул мешаванд, ба зиммаи комиссияҳои тиббии ҳарбии штатӣ вогузор карда мешавад. Ташкили муоинаи тиббии шаҳрвандон, ки ба муассисаҳои ҳарбии таълимӣ, литсейҳои ҳарбӣ дохил мешаванд, бо ҷалби комиссариатҳои ҳарбии вилоятҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳо амалӣ карда мешавад. Низомнома инчунин муоинаи тиббии хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои мусаллаҳ, шаҳрвандони дар эҳтиёт буда ва ба муассисаҳои таҳсилотии ВКД дохил мешударо ба танзим медарорад. Бо ҳуҷҷати мазкур инчунин тартиби муайян намудани алоқаи сабабии

маъюбӣ ва бемориҳо пешбинӣ мегардад. Аммо проблемаҳои мавҷуда дар ҷорӣ намудани ин муқаррарот дар қонунгузорӣ чун ҳалли худро наёфта боқӣ мемонанд. Бояд боз ҳам самаранок амал кардани низом ва барои он, ки масоили таҷовузгарии собиқадорони адои хизмати ҳарбӣ байни аскарон (дедовщина) решакан карда шавад, ки дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон паҳн гардидааст ва ба тоаври ҷиддӣ интизомро дар артиш вайрон менамояд, таъмин гардад.

**Низомнома «Дар бораи Комиссияҳои тиббии ҳарбии ҷумҳуриявӣ ва вилоятии Комиссариати Ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 6 ноябри соли 1991 №338**

Низомнома тартиби ташкил, вазифаҳо ва функсияҳои комиссияҳои Ҷумҳуриявӣ ва вилоят и тиббии ҳарбии Комиссариати Ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд. Комиссияҳои тиббии ҳарбӣ бо фармони Комиссари ҳарбӣ ё Комиссари ҳарбии вилоят таъин карда мешаванд. Комиссияи тиббии ҳарбӣ аз натиҷаи муоинаи тиббӣ қарор қабул мекунад. Назоратбарӣ аз болои фаъолияти комиссияҳои тиббии ҳарбӣ аз тарафи Комиссари ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва комиссарони ҳарбии вилоятӣ амалӣ карда мешавад. Мувофиқи мақсад мебуд, агар намояндагони ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар мониторинги ин мақомот ширкат меварзиданд.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савгандёдкунии тантанавии хизматчиёни ҳарбӣ барои садоқат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 ноябри соли 2006 № 205**

Қонуни мазкур «муносибатҳои вобаста ба савгандёдкунии тантанавии хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои садоқат ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим медарорад» (моддаи 1). Қонун маросими қабули савгандёдкунӣ (моддаи 3), матни савганди тантанавӣ (моддаи 4), тартиби қабули савгандёдкуниро (моддаи 5) муайян менамояд. Бо

Қонун инчунин ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст (моддаи 6).

## Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртакунонии ҳатмии шахсии хизматчиёни ҳарбӣ ва ӯҳдадорони ҳарбӣ, ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ ва амнияти миллӣ» аз 15 июни соли 1992 № 223 (дар ҳолати 29.09 соли 1995)

Ҳуҷҷати мазкур таъиноти баланд бардоштани сатҳи муҳофизатии иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ дорад. Он пешбинӣ менамояд, ки суғуртакунонӣ аз ҳисоби воситаҳои буҷети ҷумҳуриявӣ амалӣ карда мешавад. Ин воситаҳо аз ҳисоби Вазорати мудофиа, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, инчунин воситаҳои дигар вазорату идораҳо ва ташкилотҳо, ки дар ихтиёри онҳо воҳидҳои ҳарбӣ мебошанд, ҷудо карда мешаванд.

## Созишномаи ИДМ «Дар бораи кафолатҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони аз хизмати ҳарбӣ рухсат шуданд ва аъзои оилаи онҳо» аз 14 феврали соли 1992

Созишномаи мазкур «бо мақсади ба хизматчиёни ҳарбӣ ташкил намудани сатҳи зиндаги муносиб ва шароит барои иҷрои ӯҳдадориҳои хизмати ҳарбӣ, инчунин заминаи ҳуқуқӣ барои амалӣ намудани ин тадбирҳо» баста шудааст. Дар асоси моддаи 2 Давлатҳо-иштирокчиён ризоиятро барои бо тартиби қонунгузорӣ муқаррар намудан ва таъмини пуррагии тамоми «ҳуқуқу озодиҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва шахсӣ барои хизматчиёни ҳарбӣ, шахсони аз хизмати ҳарбӣ рухсат шуда ва аъзои оилаи онҳо мувофиқ ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва муқарраароти Созишномаи мазкур» додаанд. Масалан, Давлатҳо бо манзили истиқоматӣ хизматчиёни харбӣ ва аъзои оилаи онҳоро, ки манзил надоранд ва ё барои беҳтар намудани шароитҳои манзилӣ мӯҳтоҷ мебошанд, мувофиқи қонунгузории давлати будубоши онҳо таъмин менамоянд (статья 3).

## Созишномаи ФР ва ҶТ «Дар бораи тартиби ҷобаҷокунӣ ва адои хизмати ҳарбӣ аз тарафи шаҳрвандони ҶТ дар Кӯшунҳои Сарҳадии ФР, ки дар ҳудуди ҶТ мебошанд» аз 30 марти соли 1994

Созишномаи мазкур пешбинӣ менамояд, ки тарафҳо шароитҳои заруриро барои даъват фароҳам меоранд, инчунин баъди қабули шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи қарордод ба хизмати ҳарбӣ дар Кӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Россия, ки дар ҳудуди ҶТ мебошанд. Тартиби адои хизмати ҳарбии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қонунгузории ФР муайян карда мешавад. Хизмати ҳарбӣ дар Кӯшунҳои сарҳадии Федератсияи Россия, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, барои шаҳрвадони ҶТ ҳамчун хизмати ҳарбӣ дар Қувваҳои мусаллаҳи ҶТ ҳисоб карда мешавад.

## Дастур «Оид ба омодагӣ ва гузаронидани даъвати шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хизмати ҳарбӣ» аз 15 августи соли 2001 № 185

Ҳуҷҷат ӯҳдадориҳои мақомот ва шахсони мансабдори Вазорати мудофиа ва мақомоти дигарро оид ба омодагии шаҳрвандон барои хизмат дар Қувваҳои мусаллаҳ муайян менамояд. Роҳбарият тадбирҳои тайёрии ҳатмии шаҳрвандро ба хизмати ҳарбӣ муайян менамояд (Боби 2). Ба ғайр аз ин, дар ҳуҷҷат тартиби бақайдгирии ҳарбии ибтидоии шаҳрвандон муайян карда шудаст (Боби 3). Ӯҳдадориҳои шаҳрвандон оид ба баҳисобгирии ҳарбӣ муайян карда шуданд. Роҳбарии умумии баҳисобгирии ҳарбии даъватшавандагонро Сарситоди Қувваҳои мусаллаҳ амалӣ менамояд. Дар доираи ҳудудҳо, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо – мувофиқан аз тарафи комиссариатҳои ҳарбӣ (Боби 4). Дастур низ ташкили даъват, муоинакунонии тиббии даъватшавандагон, кори комиссияҳои даъватӣ ва нуқтаҳои вилоятии ҷамъомадиро муайян менамояд.

Мушоҳидони мустақил қайд менамоянд, ки қонунгузорӣ дар соҳаи даъват мӯҳлатҳои аниқро пешбинӣ наменамояд. Дар натиҷа ҳуқуқҳои

даъватшаванда ҷиҳати овардани шикоят аз болои қарорҳои комиссияи даъватӣ ва ба ҳимояи судӣ поймол карда мешавад.[12]

Дар натиҷаи мониторинг, ки аз тарафи намояндагони бахши тиббӣ гузаронида шудааст, муайян карда шуд, ки даъватномаҳо дар бораи даъвати ҳарбӣ мувофиқи Қонун супурда намешаванд. Ба ғайр аз ин, бояд иштироки намояндагони ҷомеа дар ҳайати комиссияҳои даъватӣ таъмин карда шавад. Инчунин бояд ба мустақилияти муоинакунонии тиббӣ кафолат дода шавад. Намояндагони ҷомеаи шаҳрвандии кишвар тавсияҳоро оид ба муқаррар намудани тартиб ва мӯҳлатҳои додани нусхаҳои қарорҳои комиссияи даъватӣ пешкаш намуданд.

## Хулоса

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон фаҳмиши васеъи соҳаи ҳарбиро мустаҳкам менамояд. Ин ҳолат дар вазъи хизматчиёни ҳарбӣ ифода меёбад. Аз ҳамин вазъ намояндагони идораҳои гуногуни ҳарбикунонида истифода менамоянд. Мавқеъ ва салоҳияти Қувваҳои мусаллаҳ бояд таҷдиди назар карда шаванд. Ҳамдигаралоқамандии Қувваҳои мусаллаҳ бо дигар мақомоти бахши амният бояд амиқтар муайян карда шавад. Зарур аст, ки имконияти истифодаи Қувваҳои мусаллаҳ дар дохили кишвар маҳдуд карда шавад. Инчунин бояд назоратбарии демократӣ аз болои фаъолияти бахши мудофиа (ва аз болои истифодаи Қувваҳои мусаллаҳ дар дохили кишвар ва низ берун аз ҳудуди он) муқаррар карда шавад. Ба ғайр аз ин, тадбирҳои иловагии қонунгузорӣ бояд барои мустаҳкам намудани вазъи ветеранҳо ва муайян намудани ташкили мудофиаи граждан́ӣ андешида шаванд.

«Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтори давлатӣ,

[12] National Endowment for Democracy / Ассоциаисияи Њукшиносони Ҷавони «АМПАРО» - Натиҷаҳои мониторинг дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2011, 9.

ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният барои солҳои 2012-2015».[13] таҳия ва қабул карда шуд. Ин барнома таҷдиди назари қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа», «Дар бораи Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи ӯҳдадориҳои умумии ҳарбӣ ва хизмати ҳарбӣ», «Дар бораи назорати давлатии экспорти аслиҳа, техникаи ҳарбӣ ва маҳсулоти дуҳадафа» ва «Дар бораи фармоиши давлатии мудофиавӣ» пешбинӣ менамояд. Баробари ин Барнома муайян наменамояд, ки чӣ тавр ин қонунҳо бояд мавриди таҷдиди назар қарор дода шаванд. Муҳим аст маҷмӯи тадбирҳо дар ин соҳа таҳия карда шавад ва ҳамоҳангсозии муносиб дар байни мақомоти бахши амният таъмин карда шавад.

## ФАСЛИ V. НИЗОМИ МАҚОМОТИ КОРҲОИ ДОХИЛӢ

### Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» аз 17 маи соли 2004 № 41(Тағйиру иловаҳои охирон аз 19.03 соли 2013)

Қонуни мазкур мафҳуми милитсия, самтҳои асосии фаъолияти онро муайян менамояд. Ба вазифаҳои милитсия ҳимояи ҳаёт ва саломатӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд аз кирдорҳои ғайриқонунӣ мансубанд. Мақомоти милитсия барои пешгирӣ ва рафъи ҷиноятҳо масъул мебошанд. Онҳо манфиатҳои ҷамъиятӣ ва давлатиро муҳофизат ва тартиботи ҷамъиятиро таъмин менамоянд. Ба самтҳои дигари фаъолияти милитсия ошкор намудан, таҳқиқ ва тафтиши ҷиноятҳо, ҷустуҷӯи шахсоне, ки ҷиноят содир кардаанд ва ҳимояи моликият аз кирдорҳои ҷиноӣ мансуб мебошанд. Ба ғайр аз ин, милитсия тарғибони ҳуқуқиро дар байни шаҳрвандон, шахсони мансабдор, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо амалӣ менамояд. Вай инчунин амнияти ҳаракати роҳро таъмин менамояд, ҷазои маъмуриро татбиқ менамояд.

Аҷиб аст, ки мақомоти милитсия назоратбарии муҳоҷиратиро амалӣ ва масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатиро танзим менамоянд. Онҳо

---

[13] Барномаи давлатӣ оид ба амалисозии Консепсияи рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният барои солҳои 2012-2015, http://mmk.tj/ru/Government-programs/programs/security.

ба шахсони ҳуқуқӣ барои қабули шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бетабаа ба кор иҷозат медиҳанд ва барои барои гурезаҳо, ки паноҳгоҳ мекобанд, барои будубош иҷозат медиҳанд.[14] Қонуни мазкур доираи васеъи вазифаҳои милитсияро пешбинӣ менамояд.

Моддаи 4 Қонун принсипҳои фаъолияти милитсия, чун, маслалан, холисӣ пешбинӣ менамояд аммо принсипи бетарафии сиёсиро ғайриқаноатбахш танзим менамояд. Дар Қонун ҷалби дигар кормандони мақомоти корҳои дохилӣ ва хизматчиёни ҳарбӣ барои иҷрои вазифаҳои милитсия, пешбинӣ гардидааст (моддаи 7). Баробари ин шартҳои мусоидат ба танзим даровaрда нашуданд (Боби 2). Боби 3 ӯҳдадориҳо ва ҳуқуқҳои милитсия, татбиқ ва истифодаи яроқи оташфишонро муайян менамояд (моддаи 15). Боби 5 масъалаҳои бо хизмат дар милитсия алоқамандро танзим менамояд. Қонун кафолатҳои иҷтимоии кормандони милитсия, маблағгузорӣ ва таъминоти моддӣ-техникии милитсияро муқаррар менамояд.

Қонун механизми назоартбариро аз болои фаъолияти милитсия пешбинӣ наменамояд, мақомоти мушоҳидоти шаҳрвандӣ мавҷуд нестанд. Умуман, Қонуни мазкур бояд дар партави стандартҳои байналмилалӣ, хусусан дар рафти ислоҳот мавриди таҷдиди назар қарор дода шавад.[15] Қонун бояд зерҳисоботиро дар назди ҷомеа дар фаъолияти милитсия муқаррар намояд.

## Мулоҳизоти умумӣ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Консепсияи ягонаи рушди низоми мақомоти корҳои дохилӣ намерасад. Ин низом сохтори ҳарбикунонидашудаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқро фаро мегирад. Ислоҳот дар соҳаи ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо ҷомеа зарур аст. Принсипи мушоҳидоти гражданӣ бояд тариқи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад. Бояд консепсияи ислоҳоти ҳуқуқӣ ва маъмурӣ

---

[14] Ин тағйирот 3.12 соли 2009 ворид карда шуд.

[15] Иттилоот дар бораи ислоҳот дар милитсияи Тоҷикистон дар саҳифаи *Police Reform пешниҳод карда мешавад*, http://www.police-reform.tj/index.php/en/.

таҳия карда шавад. Бояд кодекси одоби милитсия таҳия карда шавад.[16] Инчунин низоми ягонаи таълим ва тайёр кардани кормандони мақомоти корҳои дохилӣ коркард шавад. Мубориза бар зидди коррупсия бояд афзалияти ислоҳоти ин низом бошад. Аҳамияти калонро таъсис ва рушди Академияи полисӣ дорад.

Бетарафии сиёсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бояд бо роҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шавад. Бояд назоратбарии демократӣ аз болои милитсия ва дигар мақомоти низоми корҳои дохилӣ муқаррар карда шавад. Инчунин бояд назоратбарии самараноки беруна пешбинӣ карда шавад.

## ФАСЛИ VI. НИЗОМИ ҲУҚУҚИИ САРҲАДИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарҳади давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 1 августи соли 1997 №481 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 26.03 соли 2009)

Қонуни мазкур доираи васеъи масъалаҳоро, ки бо ҳифзи Сарҳади давлатӣ алоқаманд мебошанд, инчунин ваколатҳои мақомоти давлатиро дар ин соҳа муайян менамояд. Ба ғайр аз ин, дар он нақши Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳифзи Сарҳади давлатӣ муайян карда мешаванд.

Боби 1 дорои муқарраротти умумӣ мебошад ва асосҳои сиёсати сарҳадии кишварро мустаҳкам менамояд. Боби 2 муқаррар намудан ва тағйир додани сарҳади давлатӣ ва масъалаҳои вобаста ба гузаштани онро танзим менамояд. Боби 3 низоми сарҳади давлатиро муқаррар менамояд. Боби мазкур тадбирҳои зарурииро барои ҳимояи самараноки низоми ҳуқуқии Сарҳади давлатӣ пешбинӣ менамоядю Қонуни мазкур инчунин низоми сарҳадиро (Боби 4) ва низомро дар гузаргоҳи сарҳади давлатӣ муайян менамояд (Боби 5).

[16] Ниг.: Кодекси Аврупоии Одоби Полисӣ, Тавсияи Rec. (2001)10, аз тарафи Кумитаи вазирони Шӯрои Аврупо 19 сентября 2001 қабул шуд..

Боби 6 ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатиро дар соҳаи ҳимояи Сарҳади давлатӣ муқаррар менамояд. Моддаи 29 пешбинӣ менамояд, ки парламенти кишвар қонунҳоро дар соҳаи ҳимояи Сарҳади давлатӣ қабул менамояд. Парламент инчунин «аҳдномаҳои байналмилалиро оид ба тақсимоти ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла аҳдномаҳоро оид ба гузариши хати Сарҳади давлати ба тасвиб мерасонад ва аз эътибор соқит менамояд». Қонун нақши парламентро дар муайян намудани сиёсати сарҳадӣ муайян наменамояд. Ҳокимияти қонунгузор бояд қобили назоратбарии самараноки чунин сиёсат бошад, ки инро зарур аст бо роҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шавад.

Тибқи Қонун, Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои васеъ мебошад. Кумита роҳбарии Кӯшунҳои сарҳадиро амалӣ менамояд ва «фаъолияти мақомоти давлатиро, ки дар Сарҳади давлатӣ ҳама гуна назорати риояи низоми Сарҳади давлатӣ, низоми сарҳадӣ ва низомро дар гузаргоҳҳои Сарҳади давлатӣ ба роҳ мемонанд, ҳамоҳанг месозад» (моддаи 30). Қонун инчунин дар моддаи 31 ваколатҳои мақомоти соҳавии ҳокимияти иҷроияро муайян менамояд. Ҳамин тавр, низоми ҳарбикунонидашудаи бахши амният вазифаи ҳимояи Сарҳади давлатиро амалӣ менамояд.

Дар боби 7 Қонун ба таври муфассал ваколатҳои Кӯшунҳои сарҳадиро муайян менамояд. Ба ғайр аз ин, иштироки дигар воҳидҳои ҳарбӣ дар ҳимояи Сарҳади давлатӣ пешбинӣ карда мешавад. Ин аз таҷрибаи баъзе кишварҳои собиқ Иттифоқи Шӯравӣ фарқ мекунад, ки дорои ваколатҳои идоракунии сарҳади давлатӣ полиси сарҳадӣ мебошад (Молдова, Гурҷистон).

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» аз 11 декабри соли 1999 № 881 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 12.01 соли 2010).**

Қонуни мазкур мафҳумҳои асосӣ ва принсипҳои танзими муҳоҷиратро муайян менамояд. Тибқи Қонун, идоракунии равандҳои

муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи мақомоти давлатии ваколатдорнамудаи Ҳукумат амалӣ карда мешавад. Қонун аниқ намекунад, ки айнан кадом мақомот бо ин машғул мебошад.

Метавон гуфт, ки танзими равандҳои муҳоҷиратӣ яке аз масъалаҳои асосии амнияти миллӣ мебошад. Бояд механизми боз ҳам бештар самараноки назоратбарӣ аз болои низоми рафтуомади шаҳрвандони хориҷӣ, инчунин назари ягона нисбат ба сиёсати муҳоҷиратӣ коркард шавад. Бояд низоми ягонаи иттилоотонӣ дар бораи муҳоҷират коркард шавад. Таҳрири қонун аз 12.01.2010 инчунин таърифи муҳоҷирати экологиро пешбинӣ менамояд. Қонун дар назар доштааст, ки «муҳоҷирати экологӣ – ҷараёни маҷбурии кӯчидани шаҳрвандон дар ҳудуди давлати худ вобаста ба вайрон гардидани вазъи ҳуқуқии муҳити зист ё фалокатҳои экологӣ» мебошад. (моддаи 1).

Қонун салоҳияти мақоми ваколатдорро муайян менамояд (моддаи 7). Ин мақом корҳои вобаста ба масъалаҳои муҳоҷиратро ҳамоҳанг месозад, ба шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандӣ барои анҷом додани фаъолияти меҳнатӣ иҷозат медиҳад, равандҳои муҳоҷиратро мавриди таҳлил қарор медиҳад. Мақом барои баррасии Ҳукумат таклифҳоро оид ба ташаккули квотаҳои муҳоҷирати хориҷи пешниҳод манзур менамояд, дархости хаттии шахсонеро, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хоҳиши дарёфти паноҳгоҳи сиёсиро доранд, қабул мекунад ва асноди заруриро ба расмият медарорад, инчунин як қатор вазифаҳои дигарро амалӣ менамояд.

«Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният барои солҳои 2012-2015» пешбинӣ менамояд, ки Қонун «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Қонун «Дар бораи вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», инчунин Қонун «Дар бораи мурoҷиатҳои шаҳрвандон» ва Қонун «Дар бораи муҳоҷират» мавриди таҷдиди назар қарор дода шавад. Ҳамин тавр, заминаи қонунгузории ҷараёни муҳоҷиратӣ дар Тоҷикистон бояд дар рафти ислоҳоти минбаъдаи бахши амният таҷдиди назар гардад.

## Хулоса

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми ягонаи идоракунии маҷмӯии сарҳади давлатӣ мавҷуд нест. Хадамоти сарҳадӣ ҳарбикуноиндашуда мебошад (кушунҳои сарҳадӣ зертобеъи Кумитаи давлатии амнияти миллӣ мебошад, ки дорои ваколатҳои васеъ кунонида шудааст).

Таҳлили қонунгузорӣ дар соҳаи сарҳадӣ ба хулосаи меоварад, ки низоми ҳуқуқии кӯҳнашудаи ҳимояи сарҳади давлатӣ ба назари замонавӣ дар ин соҳа мувофиқат намекунад. Заминаи ҳуқуқӣ барои ҷорӣ намудани усулҳои замонавии идоракунии сарҳади давлатӣ мавҷуд нест. Заминаи қонунгузорӣ бояд на танҳо тадбирҳои ҳимояи сарҳади давлатиро пешбинӣ намояд, балки ба ҳамкорӣ ва савдо дар ноҳияҳои сарҳадмусоидат намояд.

# ФАСЛИ VII. ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ ВА МАҚОМОТИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» аз 5 марти соли 2007 № 233 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 22.07 соли 2012)

Қонуни мазкур асосҳои ташкилию ҳуқуқии хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқӣ ва кафолатҳои иҷтимоии хизматчиёни давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян менамояд. Моддаи 7 (1) пешбинӣ менамояд, ки «Одоби хизматчии давлатӣ бо Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардида, сатҳи дониш, қобилияту истеъдод, ҳадди муошират, қоидаҳои рафтори хизматӣ ва ғайрихизматии хизматчии давлатиро танзим менамояд». Президенти кишвар Кодекси одоби хизматчии давлатиро тасдиқ менамояд.[17] Риоя накардани Кодекс боиси ҷавобгарӣ мегардад. Мақоми

[17] Кодекси одоби хизматчии давлатӣ бо Фармони Президенти ҶТ аз 14 июни соли 2004 N 1343 тасдиқ шуд.

ваколатдоршуда дар соҳаи хизмати давлатӣ таъсис дода мешавад, ки ба Президент ҳисоботдиҳанда мебошад.

Қонун ташкил ва тартиби адои хизмати давлатӣ, вазъи ҳуқуқии хизматчии давлатӣ ва кафолатҳои онро муайян менамояд. Масъалаҳои ҷавобгарии интизомӣ дар Қонун ба таври нокифоя ба танзим дароварда шуданд.

Қонун бояд боз ҳам мушаххас принсипи ошкорбаёнӣ ва дастрасии иттилоотро дар бораи фаъолияти хизматчии давлатӣ пешбинӣ намояд, инчунин принсипи бетарафии сиёсиро муқаррар намояд. Бояд низоми мониторинги хизмати давлатӣ пурзур карда шавад. Бояд мустақилият ва бетарафии мониторинг таъмин карда шавад. Нақши Парламент дар муайян намудани Сиёсати давлатӣ дар соҳаи хизмати давлатӣ инчунин бояд ба танзим дароварда шавад.

## Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» аз 25 июли соли 2005 № 100 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 26.12 соли 2011[18])

Қонуни мазкур «ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷамъият, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти мӯътадили мақомоти ҳокимияти давлатӣ, равона» гардидааст.

Поктинатӣ (ростқавлӣ) ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ бояд кафолатдодашуда бошад. Қонун «асосҳои ташкилию ҳуқуқии пешгирӣ, ошкоркунӣ, кушодан ва барҳам додани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсро муқаррар карда, навъҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва чораҳои ҷавобгариро барои онҳо муайян менамояд». Яъне, соҳаи амали Қонуни мазкур доираи васеъи масъалаҳоро фаро мегирад.

Қонун принсипҳои мубориза бар зидди коррупсия ва мақомоти бар зидди коррупсия муборизабарандаро муайян менамояд. Тибқи моддаи

[18] Ниг. Таѓйироти охирон дар Ќонун: http://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=51049.

5 мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, прокуратура, корҳои дохилӣ, амнияти миллӣ, идоракунии ҳарбӣ, назорати маводи нашъаовар, андоз ва гумрук дар доираи салоҳияти худ бар зидди коррупсия мубориза мебаранд. Дар Қонун тадбирҳо оид ба пешгирии коррупсия муайян карда шуданд (Боби 2). Дар ин соҳа Қонун талаботи махсусро нисбати довталабони вазифаҳои давлатӣ ва шахсони ба иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор, тадбирҳои назорати молиявӣ, мамониатҳо барои таъин (интихоб) намудан ба мансабҳои давлатӣ ва мансабҳои ба онҳо баробар кардашуда ва маҳдудиятҳо вобаста ба иҷрои мансаби давлатӣ ва мансаби ба он баробар кардашуда пешбинӣ менамояд. Қонун инчунин ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ҷавобгарӣ барои онҳо муайян менамояд (Боби 3).

Қонун бояд ба таври мушаххас кафолатҳои ҳифзи давлатии шахсони дар мубориза бар зидди коррупсия мусоидаткунандаро пешбинӣ намояд. Тадбирҳои иловагӣ заруранд, ки шаффофияти хизмати давлатӣ таъмин карда шавад. Қонун инчунин бояд нақши Парламентро дар ин соҳа муайян кунад.

### Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муроҷиатҳои шаҳрвандон» аз 14 декабри соли 1996 № 343 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 03.07 соли 2012)

Қонуни мазкур «тартиби бо таклифу аризаҳо ва шикоятҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ ё иттиҳодияҳои ҷамъияти, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, муроҷиат намудани шаҳрвандон ва тартибу мӯҳлати баррасии муроҷиатҳои онҳоро» муқаррар менамояд.

Дар Қонун намудҳои муроҷиатҳо ва талаботи ба муроҷиат пешниҳод мегардида амиқ пешбинӣ шуданд. Моддаи 8 тартиби амалҳои мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳоро, ки ба онҳо шикоят овардан мумкин, муайян менамояд. Ин амалҳо ва қарорҳо, «ки дар натиҷаи онҳо: шаҳрванд аз имконияти пурра ё қисман амали намудани ҳуқуқе, ки қонун ё дигар санади қонунгузори додааст,

ғайриқонунӣ маҳрум карда шудааст; ба зиммаи шаҳрванд ғайриқонуни вазифае гузошта шудааст ё вай ғайриқонунӣ ба ҷавобгарӣ кашида шудааст. Мувофиқи Қонуни мазкур беамалии мақомот ва шахсони мансабдор, яъне иҷро накардани амалҳое низ метавонад мавриди шикоят қарор гирад, ки онҳо мебоист ба манфиати шаҳрванд анҷом медоданд ва метавонистанд анҷом диҳанд, вале иҷро накардани онҳо боиси оқибатҳое шудааст, ки дар қисми якуми ҳамин модда зикр ёфтаанд».

Қонун ӯҳдадориҳои мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳо оид ба баррасии муроҷиатҳо (моддаи 9) ва мӯҳлатҳои баррасии муроҷиатро (моддаи 12) муайян менамояд. Қонун бояд, баробари ин, кафолати амнияти шаҳрвандро муқаррар намояд. Қонун бояд муқаррар намояд, ки таъқиби шаҳрванд вобаста ба муроҷиати ӯ манъ аст.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми идоракунии давлатӣ» аз 16 апрели соли 2012**

Қонун низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян карда, асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолияти онҳоро танзим менамояд.

Мавзӯи танзими Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатие, ки ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тобеъ ва ҳисоботдиҳанда мебошанд, инчунин асосҳои ташкили фаъолияти онҳо дар низоми идоракунии давлатӣ мебошад.

Амали Қонуни мазкур нисбат ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва дигар мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намегардад.

Моддаи 2 Қонун чунин мафҳумҳои калидиро пешбинӣ менамояд, ки барои идоракунии муносиб зарур мебошанд, монанди:

- мақоми идоракунии давлатӣ - мақоми давлатие, ки вазифаҳои умумии идоракуниро тибқи принсипҳои идоракунии

муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муайяни фаъолият амалm менамояд;

- мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ - мақоме, ки дар асоси ваколати ба он вогузорнамудаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои таҳияву татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муқарраргардидаи фаъолият ва дигар функсияҳои иҷроияро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд;

- шартномаи маъмурӣ - санади ҳуқуқие, ки дар асоси он мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ мутобиқи талабот ва шартҳои пешбининамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон функсияҳои ҳокимияти давлатиро (ба истисноии функсияҳои назоратӣ) ба зиммаи мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва ташкилотҳо вогузор менамояд;

- назоратбарии дохилӣ - маҷмӯи тадбирҳои мустақили мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ оид ба гузаронидани санҷиш ва арзёбии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ ва шахсони мансабдори ҳамин мақом, ки барои таъмини иҷрои талаботи қонуният, самаранокӣ ва мақсаднокии фаъолияти онҳо нигаронида шудааст;

- назоратбарии хизматӣ - маҷмӯи тадбирҳои мукаммале, ки қонуният, самаранокӣ ва мақсаднокиро дар фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд ва тавассути он мақоми иҷроияи болоии ҳокимияти давлатӣ нисбат ба мақоми иҷроияи поёнии ҳокимияти давлатӣ функсияҳои назоратиро анҷом медиҳад.

Моддаҳои алоҳида дар бораи вазъи вазорат (моддаи 11), кумитаи давлатӣ (моддаи 12), мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 14), мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 15) пешбинӣ карда шуданд.

Моддаи 16 пешбинӣ менамояд, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти машваратию маслиҳатӣ таъсис диҳанд, ки дорои ваколатҳои мустақили ҳокимият намебошанд ва функсияҳои идоракунии давлатиро анҷом намедиҳанд. Вазифа ва тартиби

фаъолияти мақомоти машваратию маслиҳатиро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ё Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, Низомномаи онҳоро тасдиқ менамоянд.

Чунончӣ, моддаи 17 дастгоҳи мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ пешбинӣ менамояд, ки таъминоти ҳуқуқӣ, ташкилӣ, илмию таҳлилӣ, иттилоотию ахборотӣ ва дигар намудҳои таъмини фаъолияти мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд.

Ниҳоят, моддаи 19 пешбинӣ менамояд, ки дар мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ воҳидҳои назорати дохилӣ таъсис дода мешаванд ва фаъолият менамоянд.

Назорати дохилӣ бояд инҳоро таъмин намояд:

- риояи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти мақом;
- ҳифзи молу мулк аз хароҷоти зиёд, расонидани зарар бинобар истифодаи ғайримақсаднок, идоракунии бесалоҳият ва дигар сабабҳои шабеҳ;
- мақсаднок ва самаранок будани фаъолияти мақом ҳангоми иҷрои вазифаҳои он;
- ҷамъоварӣ, нигоҳдошт ва ба иттилои омма расонидани маълумоти саҳеҳ, саривақтӣ ва боэътимод оид ба фаъолияти мақом.

Назорати дохилиро дар мақоми иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ роҳбари мақом таъмин менамояд ва барои натиҷабахшии он масъул мебошад.

## ФАСЛИ VIII. САНАДҲОИ ҚОНУНГУЗОРИИ ДИГАР

### Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 4 ноябри соли 1995 № 104 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 06.10 соли 2008)

Қонуни мазкур як қатор масъалаҳоро бо шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон алоқамандро танзим менамояд. Қонун тартиби шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон шудан ва қатъ гардидани онро муқаррар менамояд. Инчунин мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки корҳои оиди шаҳрвандиро дар ихтиёр доранд,

муайян менамояд (Боби 5). Ба ин мақомот Президенти кишвар, Комисияи оид ба масъалаҳои шаҳрвандии назди Перездент, Вазорати корҳои дохилӣ, Вазорати корҳои хориҷӣ, инчунин намояндагиҳои дипломатӣ ва муассисаҳои консулгарии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансуб мебошанд. Дар Қонун ваколатҳои ин мақомотҳо дар соҳаи шаҳрвандӣ муайян карда шуданд.

Ба ғайр аз ин, дар Қонуни мазкур тартиби истеҳсолот оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ ва иҷрои қарорҳо оид ба парвандаҳо дар бораи шаҳрвандӣ муқаррар карда мешаванд. Дар Қонун инчунин тартиби овардани шикоят аз болои амалҳо ва қарорҳои шахсони мансабдор оид ба масъалаҳои шаҳрвандӣ пешбинӣ карда шудаст.

## Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 06 августи соли 2001 № 30

Қонуни мазкур «муносибатҳоро оид ба тарзи ташкил ва фаъолияти судҳо, ҳамчунин фаъолияти Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро вобаста ба масъалаҳои таъмини ташкилӣ ва моддию техникии судҳо танзим менамояд» (моддаи 1).

Дар Қонун кафолатҳои мустақилияти судя (моддаи 5) ва ҳар гуна дахолат ба фаъолияти судя оид ба амалӣ намудани адолати судӣ манъ аст (моддаи 7). Фасли 2 тартиби интихоб ва таъини судя ба мансаб, инчунин тартиби озод намудан ва бозхондро муайян менамояд. Дар Фасли 3 сохтори низоми судӣ муайян карда шудаст. Моддаи 20 пешбинӣ менамояд, ки «Суди конститутсионӣ, Суди Олӣ, Суди Олии иқтисодӣ, Суди ҳарбӣ, суди Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои вилоятӣ, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳия, суди иқтисодии вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, судҳои иқтисодии вилоятӣ, суди иқтисодии шаҳри Душанбе системаи судии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд».

Моддаи 36 ваколатҳои Коллегияи ҳарбии Суди олиро муайян менамояд, ки «нисбат ба судҳои ҳарбии гарнизонҳо бевосита зинаи болоии судӣ ба шумор меравад». Вай ба сифати суди зинаи якум парвандаҳоро дар бораи ҷиноятҳои содиркардаи шахсоне, ки дорои

рутбаи ҳарбии полковник ва аз он баланд мебошанд, ё дорои вазифаи қумондони полк ва баландтар аз он мебошанд ва шахсони аз рӯи вазифа ба онҳо баробарбударо баррасӣ менамояд. Коллегия ба сифати суди зинаи якум парвандаҳои ҷиноиро дар бораи ҷиноятҳои хизматчиёни ҳарбӣ, ки барои содир намуданашон қонун ҷазои қатл пешбинӣ кардааст, баррасӣ мекунад. Вай инчунин ба сифати суди зинаи якум парвандаҳои гражданиеро, ки ба тариқи кассатсионӣ ба истеҳсолоти худ қабул кардааст, баррасӣ менамояд. Коллегия эътирозҳои Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистонро нисбати фармонҳо, ҳалномаҳо, ҳукмҳо, таъинотҳо ва қарорҳои судҳои ҳарбии гарнизонҳо ба тариқи назоратӣ баррасӣ менамояд, инчунин қарорҳоро оид ба эътирозҳои муовинони онҳо ба ҳукмҳо, тахинотҳо ва қарорҳои суди ҳарбии гарнизонҳо оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ қабул менамояд.

Ба ғайр аз ин, Коллегия аз рӯи хулосаи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муовинони ӯ парвандаҳоро аз рӯи ҳолатҳои нав ошкоршуда, ки аз рӯи онҳо судҳои ҳарбии гарнизонҳо ҳалномаҳо, ҳукмҳо, таъинотҳо баровардаанд, баррасӣ мекунад. Коллегия инчунин таҷрибаи судиро ҷамъбаст ва омори судиро таҳлил менамояд, дигар масъалаҳоеро, ки қонун ба салоҳияти он гузоштааст, ҳал мекунад. Боби 5 Қонуни мазкур масъалаҳои истеҳсолоти судии ҳарбиро танзим менамояд. Вай тобеъияти парвандаҳо ба судҳои ҳарбӣ (моддаи 62), низоми судҳои ҳарбӣ ва ваколатҳои суди ҳарбии гарнизонро (моддаи 67) муайян мекунад.

Фасли 4 салоҳияти Шӯрои адлия, моддаи 95 пешбинӣ кардааст, ки «Бо мақсади таҳия намудани таклифҳо оид ба гузаронидани ислоҳоти судӣ, хоста гирифтан, пешбарии номзадҳо ба мансаби судягӣ, озод намудани судяҳо аз вазифа, ташкил намудани имтиҳоноти тахассусӣ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми коллегиалӣ - Шӯрои адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис медиҳад». Қонун низ ҷавобгарии интизомии судяҳоро пешбинӣ менамояд (Боби 10).

Консепсияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон[19] такмили қонунгузорӣ дар бораи судҳоро пешбинӣ менамояд. Таҳияи барномаи навиислоҳоти судӣ «бо мақсади таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ ва баланд бардоштани нақши он дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд» ба нақша гирифта шудааст. Мувофиқи барнома, бояд «боз ҳам демократӣ гардонидани мурофиаҳои судӣ, такмил додани баробарҳуқуқии ҳамаи иштирокчиёни мурофиа дар ҳамаи зинаҳои судӣ», инчунин «такмили механизми тайёрии кадрҳои судӣ ва такмили ихтисоси судяҳо» дар назар аст.

Барнома пешбинӣ менамояд, ки бояд «батанзимдарории масъалаҳое, ки ба интихоби (таъини) судяҳо ва қатъ гардидани ваколатҳои онҳо дар самти таъмини кафолати мустақилияти судяҳо, ки стандартҳои байналмилалии ин соҳа ҷавобгӯ мебошанд», инчунин «таъмини шаффофияти фаъолияти судҳо ва баланд бардоштани масъулияти онҳо дар иҷрои фаъолияти хизматӣ» амалӣ карда шаванд. Ба ғайр аз ин, бояд «такмили механизми иштироки машваратчиён ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ» ба роҳ монда шавад. Мутаасифона, Барнома тадбирҳоеро, ки бояд дар ин соҳа андешида шаванд, пешбинӣ наменамояд ва боз ҳам нақшаи мушаххаси ислоҳотро таклиф наменамояд.

## Қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 25 июли соли 2005 года № 107 (Тағйиру иловаҳои охирон аз 22.07 соли 2013)

Қонуни мазкур низоми мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муқаррар менамояд. Мутобиқи моддаи 17 Қонун, ба низоми Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳуқуқи воҳиди низомӣ Сарпрокуратураи ҳарбӣ, ки ба он муовини Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сарпрокурори ҳарбӣ роҳбарӣ

[19] Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохтори давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ, мудофиа ва амният барои солҳои 2012-2015, http://mmk.tj/ru/Government-programs/programs/security.

мекунад, дохил мешавад. Прокуратураи ҳарбӣ ҳамин тавр, қисми таркибии низоми ягона Прокуратура мебошад.

Боби 9 хусусиятҳои хоси ташкил ва таъмини фаъолияти мақомоти прокуратураи ҳарбиро танзим менамояд (моддаи 59). Моддаи ваколатҳои прокуророни ҳарбиро муайян менамояд. Прокуророни ҳарбӣ дар маҷлисҳои ҳайати мушовара, шӯроҳои ҳарбӣ, ҷаласаҳои машваратии мақомоти идораи ҳарбӣ иштирок мекунанд. Онҳо ревизияву тафтишоти ғайриидоравӣ таъин мекунанд. Онҳо инчунин метавонанд оид ба таъмини муҳофизат, нигоҳ доштан, посбонӣ карда бурдани шахсони дар гаупвахтаи гарнизон ва қисмҳои ҳарбӣ буда ва дар ҷойҳои нигоҳдории боздоштшудагон ва маҳбусонро аз қисмҳои дахлдори ҳарбӣ, посбонони қӯшуни дохилӣ, мақомот ва муассисаҳои корҳои дохилӣ талаб кунанд. Прокуророни ҳарбӣ низ метавонанд аз гауптвахта, ҷойҳои дигари нигоҳдории боздоштшудагон ва маҳбусон шахсонеро фавран озод кунанд, ки ғайриқонунӣ дар он ҷо нигоҳ дошта мешаванд.

Моддаи 61 тартиби таъини прокурорҳои ҳарбӣ ба вазифа муайян менамояд. Сарпрокурори ҳарбӣ аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ризоияти Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешавад. Муқарраroти мазкур муайян менамояд, ки «прокурорҳои ҳарбии гарнизонҳо, ки ба мӯҳлати 5 сол аз тарафи Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Сарпрокурори ҳарбӣ ба вазифа таъин ва аз вазифа озод карда мешаванд, ба Сарпрокурори ҳарбӣ ва Прокурори генералӣ тобеъ буда, ба онҳо ҳисобот медиҳанд».

Моддаи 62 таъминоти моддӣ ва иҷтимоии хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти прокуратураи ҳарбиро пешбинӣ менамояд, моддаи 63 бошад – таъминоти молиявӣ ва моддӣ-техникии мақомоти прокуратураи ҳарбиро.

Дар амал проблемаҳои мавҷуданд. Намояндаи СММ оид ба масъалаҳои шиканҷа муқаррар намуд, ки кормандони прокуратура ба муносибати бераҳмона бо дастгиршудагон ҳамчун «асбоби асосии тафтишот» даст мезананд. Ӯ ҳамчунин қайд намуд, ки «нишондодҳои иқроршаванда, ки бо роҳи муносибати бераҳмона ба даст оварда

шуданд, барои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва прокуратура олоти асосии тафтишот мебошанд».[20]

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи силоҳ» аз 19 марти соли 2013**

Қонуни мазкур намудҳои силоҳро (моддаи 3) ва маҳдудиятҳоро нисбати муомилоти силоҳи ғайринизомӣ ва хизматӣ (моддаи 5-60 муқаррар менамояд. Қонун субъектҳоеро, ки барои соҳиб шудан ба силоҳ ҳуқуқ доранд (Боби 2) ва тартиби гардиши силоҳ (Боби 3) муайян менамояд.

Ҳуҷҷат инчунин танзими давлатиро дар ин соҳа пешбинӣ менамояд. Дар Қонун ҳуқуқ ба соҳиб шудан ба силоҳ аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ, инчунин шаҳрвандон танзим шудааст. Мутобиқи моддаи 32, назорати гардиши силоҳ аз тарафи мақомоти корҳои дохилӣ ва мақомоти ваколатдоршуда барои додани иҷозатномаи сохтани силоҳ амалӣ мегардад.

## ФАСЛИ IX. МУЛОҲИЗОТИ УМУМӢ

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон назари ягона ба ислоҳот дар бахши амният мавҷуд нест. Консепсияи амнияти миллӣ низ вуҷуд надорад.

Ба ғайр аз ин, бахши амният сиёсӣ кунонида шудааст. Бояд мушаххас вазифаҳои сохторҳои бахши амният муайян карда шаванд. Инчунин бояд ваколатҳо дар байни мақомоти бахши амният тақсим карда шаванд. Ба назоратбарии парламентӣ ва ҷамъиятӣ аз болои фаъолияти мақомоти бахши амният бояд тақвият бахшида шавад.

Бояд низоми мақомоти дохилӣ демилитаризатсия шуда принсипи назоратбарии шаҳрвандӣ аз болои низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ мустаҳкам карда шавад.

---

[20] «Тоҷикистон: Бераҳмӣ – асбоби асосии тафтишот» (рус.), http://russian.eurasianet.org/node/59362; ниг. низ А. Саркорова, «Тоҷикистон: шиканҷа барои милитсия сарчашмаи даромад шуданд», BBC (Русская служба), 13 июни соли 2012, http://www.bbc.co.uk/russian/international/2012/06/120612_tajikistan_torture.shtml.

Бояд муайян карда шавад, ки чӣ тавр фаъолияти хадамоти маҳфӣ ва кашшофӣ батанзим дароварда мешавад. Бояд қонунгузорӣ дар ин соҳа таҷдиди назар гардад. Қонунигузорӣ инчунин бояд усулҳои назоратбариро аз болои фаъолияти мақомоти амнияти миллӣ ва механизмҳои ҳамоҳангсозии байниидоравиро муайян намоянд.

Ба ғайр аз ин, бояд заминаи ҳуқуқӣ барои ташкили Хадамоти самараноки сарҳадӣ таҳия карда шавад, ки метавонад идоракунии босамари сарҳади давлатиро таъмин намояд. Бояд вазифаҳои ин хадамот аниқ муайян карда шавад.

Аҳамияти махсус бояд ба риояи ҳуқуқҳои инсон дар Қувваҳои мусаллаҳ дода шавад. Бояд проблемаҳои даъвати ҳарбӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ва ҷорӣ намудани стардартҳои байналмилалӣ дар амал ҳал карда шаванд. Бояд механизмҳои ҳимояи ҳуқуқҳои даъватшавандагон пешбинӣ карда шаванд. Дар иртибот бо ин бояд сатҳи иттилоотонии аҳолӣ баланд бардошта шавад. Ҳамаи даъватшавандагон бояд дар бораи ҳуқуқҳои худ донанд.

Таҷдиди назарро низ қонунгузорӣ дар соҳаи адлияи ҳарбӣ талаб мекунад. Бояд кафолатҳои мустақилияти мақомоти адлияи ҳарбӣ ва прокуратураи ҳарбӣ аз Қувваҳои мусаллаҳ мустаҳкам карда шаванд.

Аҳамияти махсусро бояд ба роҳ надодани муносибати бераҳмона дар низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва прокуратура дода шавад.

Тадбирҳои мушаххас барои амалисозии стандартҳои конститусионӣ ва байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон дар Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд андешида шаванд. Зарур аст, ки механизмҳои пешгирии муносибатҳои ғайриоинномавӣ дар артиш ҷорӣ карда шаванд.